МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
«РУШДИ СОҲИБКОРӢ ДАР
СОҲАИ КИШОВАРЗӢ»

ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ Ш.ШОҲТЕМУР

World Bank Group

Қ.Ҳ.МЕЛИКОВ, Б.Р.АҲМАДОВ, А.Н.НЕЪМАТОВ

# ҚУЛФИНАЙ (КЛУБНИКА), ПАРВАРИШ ВА ИСТИФОДАИ МАҲСУЛОТИ ОН









**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «РУШДИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ»**

**ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ Ш.ШОҲТЕМУР**

Қ.Ҳ.МЕЛИКОВ, Б.Р.АҲМАДОВ, А.Н.НЕЪМАТОВ

# ҚУЛФИНАЙ (КЛУБНИКА), ПАРВАРИШ ВА ИСТИФОДАИ МАҲСУЛОТИ ОН



Душанбе – 2017

**ББК- 65.9(2)41+42.358**
**УДК: 635.073+634.752**
**М-55**

*Муаллифон:* **Меликов Қурбоналӣ Ҳаитбоевич,** ***ҳамоҳангсози омӯзиши муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ»***

**Аҳмадов Бахромҷон Раҷабович,** ***номзади илмҳои техникӣ***

**Неъматов Абдулваҳҳоб Неъматович,** ***раиси хоҷагии деҳқонии «Неъмат»-и ноҳияи Рӯдакӣ***

***Комиссияи методии факултети богдорӣ ва биотехнологияи кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур ба чоп тавсия кардааст, аз 27.02.2017 суратҷаласаи №3***

***Муқарриз: Партоев Қурбоналӣ – сармутахассиси илмии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АИТ, доктори илмҳои кишоварзӣ узви вобастаи АИ Табиатшиносии Федератсияи Россия, профессор***

***Муҳаррирон: Ваҳҳоби Л., адиб ва рӯзноманигор,***
***Ҷамолова Ҷ.З., омӯзгори калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур***

***Дар китобча маълумотҳо доир ба дастовардҳои илмӣ таҷрибаи пешқадам ва хусусиятҳои парвариши зироати қулфинай (клубника) гирд оварда шудаанд, ки дар паст кардани харҷи меҳнати дастӣ ҳангоми нигоҳубини ин растани имкон медиҳанд. Коркарди он бо харҷи ками меҳнат барои кормандони соҳаи кишоварзӣ. Ба интихоби навъ ва омода кардани хок диққати махсус дода шуда, ба мутахассисон ва роҳбарони хоҷагиҳои кишоварзӣ тавсия карда мешавад.***

**ББК- 65.9**

© Қ.Ҳ.МЕЛИКОВ ва ғ.

**«…Ояндаи Тоҷикистонро бе соҳаи кишоварзӣ тасаввур кардан мумкин нест, механиконии кишоварзӣ бошад, омили асосии пешрави он мебошад».** ***Эмомалӣ Раҳмон***

## Сарсухан

*Калимаи «Қулфинай» аз забони славянӣ ва калимаи русии қадимаи «клуб» гирифта шуда, маъноящ «шаровидный, круглое тело» гирифта шудааст.* Пайдоиши ин меваҷот асосан аз Амрико буда, онро ҳоло дар тамоми дунё парвариш менамоянд.

Дар натиҷаи тадқиқоти илмии классификатсияи растаниҳо пайдоиши қулфинай дар асри XVIII маълум гашт ва он бештар дар Европа паҳн гаштааст. Аз ин ҷо онро «Қулфинайи аврупоӣ», «Қулфинайи шпанӣ», «Шпанка», меноманд. Ҳамин тавр, қулфинай тамъи махсуси иштиҳоовар дорад, навъҳои он бӯи форам доранд.

*Дар забони русии асри* XIX растании «Fragari *vesca» ва «Fragaria moschata» – ро қулфинай номгузорӣ кардаанд.*

Қулфинай растании бисёрсолаи алафӣ мебошад. Пояи рости устувор ва баландии қадаш то 15 – 40 см мерасад.

Баргчаҳояш сеқабата, калон, баргчаҳои тухммонанди ромбшакли ниҳолҳояш кӯтоҳ, намуди онҳо калон ва қисми болоиаш мӯйдор, аз поён бошад, мӯякҳои ҷафси ранги сабзи кабудчатоб, рагчаҳои борики риштамонанд доранд.

Хӯшаи гули онҳо аз 5 то 12 гули думчаҳояш кӯтоҳи мӯякдор иборат аст.

Гулҳои калон то 2,5 см буда, якҷинса, асосан аз ду хона иборат мебошанд.

Баргҳои косашаклу нештаршакл доранд. Гардбаргҳои гулҳои мардона дарозиашон то 15 мм, миқдори онҳо бисёр мебошанд.

Меваҳои қулфинай ҳаҷмашон хурд (3 - 5 г) буда, бӯи хуши асал ё шароб дошта, намудашон тухмшакл ё кулӯлача, сафеди сабзчамонанд ва фақат аз як тараф сурхшаванда, гулобӣ ва дар баъзе ҳолатҳо сурх мебошанд. Меваҳояш луч (бебарг) – и пурбор аст.

Барои он ки қулфинай доимо ҳосили дилхоҳ диҳад, нигоҳубини хуб кардан лозим аст. Ба он нуриҳои нитрогендор ва калийдор дода, онро аз касалиҳо ва пасту баландшавии ҳарорат ҳимоя кардан лозим аст. Дар ҳолати дуруст нигоҳубин намудани қулфинай дар давоми сол аз он то 10 маротиба ҳосил ҷамъоварӣ кардан мумкин аст.

Риоя кардани речаи муайяни ҳарорат дар шароити гармхона барои қулфинай муҳим мебошад. Вақте ки қулфинай шинонида мешавад, ҳарорат бояд 12 дараҷа бошад. Вақте ки кӯчатҳо инкишоф ё калон шудан мегиранд, ҳарорат ҳам зиёд шуда, то 20 дараҷа расиданаш мумкин аст. Дар давраи гулкунӣ гармхона бояд гарм ва ҳарорат +22 – 24 $^0$С бошад.

Ҳарорати беҳтарин барои парвариш ва ҳосилдиҳии қулфинай 24 дараҷа мебошад. Қулфинайро тавре об додан лозим аст, ки ба гул ва баргҳои онҳо зарар нарасад.

Намнокӣ ҳам бояд мӯътадил бошад. Чӣ қадаре, ки намнокӣ мувофиқи талабот бошад, барои қулфинай фоидаовар аст.

Гардолудшавӣ ҳам яке аз воситаҳои асосии серҳосил гаштани қулфинай мебошад.

Меваҳои қулфинай ҳамчун хӯроки парҳезӣ ба ҳисоб рафта, ташнагиро мешикананд, иштиҳоро зиёд намуда, ҳалшавии хӯрокро беҳтар мегардонад. Қулфинай меваи фоидаовар мебошад.

Меваи қулфинай ба шамолхурӣ, тезсиҳатшавӣ, мондашавӣ, пешобравӣ, хунравӣ, таъсири мусбии худро мерасонад. Қулфинай мубодилаи моддаҳоро ба танзим медарорад, фаромӯшхотириро кам карда, таркиби хунро беҳтар мегардонад. Ба ғайр аз ин, моддаҳои фаъоли қулфинай кори дилро мӯътадил гардонида, рагҳои хунгардро васеъ карда, дараҷаи фаъолияти организмро зиёд мегардонад.

Меваҳои тару тозаи онро барои табобати касалиҳои гипертонӣ, фаромушхотирӣ, касалиҳои меъда, рӯдаи дувоздаҳангушта, қабзи (сахтшавии) меъда, вайроншавии мубодилаи намакҳо истифода мебаранд. Бинобар ин, қулфинай на фақат хӯроки парҳезӣ ва хушхӯр мебошад, балки маҳсулоти фоидаовар барои шумо ва оилаи шумо ба ҳисоб рафта, барои саломатӣ аҳамияти калон дорад.

Дар таркиби меваи қулфинай витаминҳо бисёр буда, он барои пӯст, меъда ва иммунитети одам фоидаовар аст. Аз ҳисоби доштани микдори витамини С қулфинай назар ба меваҳои ситрусӣ бартари дорад.

Қулфинай яке аз меваҳои ширадор ва хушхӯр барои кӯдакон ва калонсолон ба шумор меравад.

Қулфинай меваи хушбӯй аст ва он ширадору обдор буда, дар фасли тобистон яке аз меваҳои беҳтарин ба шумор меравад.

Дар замони ҳозира бӯи хуши қулфинайро дар соҳаи косметикӣ (ороиши рӯй) васеъ истифода мебаранд. Вале афсӯс, ки дар бисёр ҳолатҳо онро ҳамчун воситаи хушбӯй, на ин ки ҳамчун шарбат (шира) истифода мебаранд. Дар мағозаҳо миқдори зиёди воситаҳои хушбӯи аз қулфинай тайёркардашударо дарёфт кардан мумкин аст. Вале, воситаҳои гуногуни аз шираи қулфинай тайёр кардашуда кам дида мешавад.

Меваҳои тару тоза ва рангашон сурхи сиёҳчатобро харидан лозим аст, агар онҳо аз ҷӯякҳо бо думчаҳояшон ҷамъоварӣ карда шуда бошанд, чунки қулфинай бо думчаҳояшон якҷоя дуру дароз нигоҳ дошта мешавад. Онро дар яхдон нигоҳ доштан мумкин аст, вале дар ҳарорати хона хушбӯйтар мебошад. Қулфинай ва шарбатҳое, ки аз он тайёр менамоянд, дар зарфҳои пластикӣ то як сол дар яхдон нигоҳ доштан мумкин аст. Пеш аз истеъмол кардан, қулфинайро дар оби равон шустан ё ин ки бо дастпоккунаки қоғазин тоза кардан лозим аст. Думчаҳои мевaро бо корд буридан лозим аст.

***Миқдори калориянокии маҳсулоти қулфинай:*** миқдори калориянокӣ дар 100 г қулфинай 41 ккалория мавҷуд аст.

***Таркиби химиявии қулфинай***

Қулфинай – сарчашмаи асосии витамини С мебошад. Дар 100 грамм қулфинай аз миқдори меъёри хӯроки якрӯзаи витамини С зиёдтар мавҷуд аст. Витамини С ба ғайр аз қулфинай инчунин дар таркиби *қоти сиёҳ* (*чёрная смородина)* зиёдтар вуҷуд дорад. Дар панҷ дона меваи қулфинайи ҳаҷмашон миёна, миқдори витамини С ба миқдоре мавҷуд аст, ки ин миқдор дар як дона афлесунӣ ка-

лон дида мешавад. Кислотаи фолиевойи (фолиевая кислоты) дар таркиби қулфинай назар ба ангур зиёдтар аст.

**Хусусиятҳои фоиданокии қулфинай**

Агар ҳар рӯз аз қулфинай истифода баред, системаи иммунитетро қавӣ гардонида, деворҳои рагҳои хунгардро мустаҳкам мегардонад.

Қулфинай хосияти зидди газакгирӣ ва зиддимикробӣ дорад. Дар ҳолати касал будани меъда, онро ҳамчун доруворӣ истифода мебаранд.

Қулфинайро ҳамчун воситаи зидди микробӣ барои тоза намудани гулӯю бинӣ ва нест кардани бӯи бади даҳон истифода мебаранд. Он хурӯҷ ёфтани зуком (грипп) - ро кам мекунад. Мавҷудияти йод дар таркиби қулфинай норасоиҳоро дар хӯрокӣ ҳаррӯза ва оби нӯшокӣ таъмин мекунад. Қулфинай хусусияти паст кардани қандро низ дорад. Барои ҳамин ба шахсоне, ки гирифтори касалии қанд мебошанд, истеъмоли қулфинайро тавсия медиҳанд. Ҳангоми гуруснагӣ истеъмол кардани 4 - 6 қошуқ шарбати аз қулфинай тайёркардашуда, барои нест кардани санги талха фоидаовар аст.

Ҳангоми ба бемории гурда ва роҳҳои пешоб гирифтор шудан, дар тамоми фаслҳои сол, ҳар рӯз на камтар аз 400 грамм истеъмол кардани он тавсия дода мешавад.

Дар ҳолати касалиҳои гуногуни гурда нӯшидани қулфинайи ҷӯшонидашуда фоидаовар мебошад. Қулфинай воситаи беҳтарин барои муолиҷаи роҳҳои пешоб буда, барои ҷигар ҳам фоидаовар мебошад. Барои ҳамин, дар вақти ба касалии буғумдард гирифтор будан, аз он исти-

фода бурдан лозим аст. Дар давоми як ҳафта, ҳар рӯз 1,5 килограмм меваи қулфинайро истеъмол кардан лозим аст.

Дар таркиби қулфинай кислотаи салитсилатӣ (салициловая кислота) мавҷуд аст ва барои касалиҳои буғумдард фоидаовар буда, онро барои шахсони камхун низ тавсия медиҳанд.

Қулфинайро барои муолиҷаи шукуфа, диатез, ҷароҳатҳо, касалиҳои пӯст истифода мебаранд. Истеъмол кардани қулфинай барои бартараф намудани фишори баланд ва бехобӣ фоидаовар мебошад.

Қулфинай воситаи асосии пешгирӣ аз касалҳои фаромушхотирӣ ва фишори баланди хун мебошад. Қулфинай меваи парҳезӣ ба шумор меравад. Дар давоми як моҳ се рӯз бояд қулфинай имтеъмол карда шавад. Агар аллергия халал нарасонад, он вақт бемаҳдудият қулфинайро истеъмол кардан мумкин аст.

***Зарар ва худдорӣ аз истеъмол.*** Шахсоне, ки аллергия доранд, аз қулфинай бояд кам истифода баранд, ё ин ки онро бо ягон маҳсулоти ширӣ дар якҷоягӣ истеъмол намоянд. Истеъмоли қулфинайро ба шахсоне, ки меъдаашон ба миқдори зиёд шира (желудочный сок) ҷудо мекунад ва ё ин ки касали кӯррӯда (апендитсит) доранд, тавсия намедиҳанд. Кӯдакони хурд ва занҳои ҳомиладор қулфинай ва нӯшокиҳои аз он тайёркардашударо бояд эҳтиёткорона истеъмол намоянд.

***Қулфинай ва хӯрокпазӣ***. Қулфинайро барои тайёр кардани мураббо, шириниҳои гуногун ва дар пухтупаз истифода мебаранд.

## Давлатҳое, ки ба парвариш ва истеҳсоли қулфинай машғул мебошанд



## Ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба парвариш ва истеҳсоли қулфинай машғул мебошанд



## МАЪЛУМОТИ УМУМИ ОИД БА РАСТАНИИ ҚУЛФИНАЙ



Қулфинай зироати мевагии васеъ паҳнгашта буда, дар байни мевагиҳо тезҳосил ба шумор рафта, дар соли дуюми шинонидан аллакай ҳосили хуб медиҳад.

Бо пӯхта расидани меваи он мавсими истеъмоли меваҳои тару тоза оғоз ёфта, ворид гаштани маблағҳои барвақтӣ дар хоҷагиҳо таъмин мегардад, ки дар кори худтаъминкунӣ аҳамияти хоса дорад.

Меваҳои қулфинай болаззат буда, бӯи хуш доранд. Дар таркиби қулфинай витаминҳо, қанд, тектонҳо, ишқорҳои органикӣ, моддахои нитрогению минералӣ мавҷуданд. Меваҳои онро дар намуди тару тоза истифода мебаранд. Аз онҳо мураббо, ҷемҳо, шарбат, нӯшоба ва ғ. тайёр мекунанд.



Муқаррар карда шудааст, ки одам дар давоми як сол бояд 7,5 -8,5 кг аз меваи қулфинай истеъмол намояд. Барои қонеъ кардани ин талабот, ҷамъоварии яклухтаи онро зиёд бояд кард. Айни ҳол дар хоҷагиҳои алоҳида масоҳати парвариши ин зи-

роат зиёд гашта, таҷрибаҳои пешқадами коркарди технологии он ба роҳ монда шудааст.

Масалан, дар хоҷагиҳои деҳқонии деҳаи Моинкаҷи ҷамоати деҳоти Роҳатӣ, Чортеппаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Кирови ноҳияи Вахши вилояти Хатлон ва дар ҳамаи ҷамоатҳои ноҳияи Шаҳринав нигоҳубин, парвариш ва ҳосили хушсифати қулфинай, ки дар расм тасвир ёфтааст, ба роҳ монда шудааст.

Татбиқи ин амалҳо дар китобча васеъ тасвир гашта, он имкон медиҳад, ки дар хоҷагиҳо мутахассисон бе харҷи меҳнати зиёдатӣ қитъаҳои замини қулфинайро афзун намоянд.

## ХУСУСИЯТҲОИ БИОЛОГИИ ҚУЛФИНАЙ

Қулфинай растании калонмеваю ҳамешасабз аст. Қисми рӯизаминии он аз шоху баргҳои ҷамъгаштаи ҳаминсола иборат аст. Пояаш кӯтоҳ буда, ба баландӣ қад намекашад, зеро он пояи марказӣ ва қадкашӣ надорад.



Ҳар як поя ё шохчаи нав аз паҳлӯ дар навдаи афзоишёбандаи ҳарсола аз муғчаҳои хобида инкишоф мeёбанд. Одатан дар пояҳои шохчаҳои солҳои гузашта ду шохчаи нав ё баъзан се шохча месабзанд. Аз рӯи синну соли растанӣ вобаста аз навъ ва агро-

техникаи нигоҳубин миқдори шохчаҳо то ба 30 адад ё зиёдтар мешаванд. Ташаккулёбии анбӯҳи шохчаҳо дар қисми дуюми тобистон, ҳангоми ҳосилбардорӣ рух медиҳад, дар баҳор шохчаҳо суст меафзоянд. Дараҷаи **баландшавии (пешхазии)** шохчаҳо зиёд набошад ҳам (0,5 - 2см), ғафсшавиашон хуб аст. Дар ин ҳол шохчаҳо дорои **оҳари (крахмал)** зиёд гашта, зимистонгузаронияшон боэътимод мегардад.

Ҳар як пояи шохчаҳо муғчаҳои болоию паҳлӯии бағалӣ, думчаи баргу решаҳои иловагӣ доранд. Аз муғчаҳои болоӣ ва якуми паҳлуӣ, камтар аз дуюм минбаъд гуловарҳо ва аз муғчаҳои поёнии паҳлугӣ навдаҳои сабзиш ё мӯйчаҳо инкишоф меёбанд, ки узвҳои асосии зиёдшавии қулфинай мебошанд.

Дар баҳор сабзиши анбӯҳи баргҳо сар мешаваду дар мавсими ҳосилғундорӣ қатъ гашта, пас аз ҷамъоварии ҳосил боз инкишоф меёбад. Баргҳои нави тобистона дар инкишофи растании қулфинай нақши муҳим мебозанд, зеро онҳо барои ҳосили соли оянда лозим мебошанд. Бинобар ин, дар тобистон нигоҳубини ҳаматарафаи он (порудиҳӣ, обмонӣ ва ғ.) зарур аст.



Дар **минтақаҳое, ки ҳарорати гармӣ аз +15⁰С то +20⁰С мебошад, ташаккулёбии** муғчаҳои ҳосилдеҳи қулфинай ба моҳи август ва авва-

ли сентябр рост меояд, зеро дар ин вақт ҳарорати ҳаво паст гашта, дарозии рӯз 10 - 12 соатро ташкил медиҳад. Дар ин давра баргҳои тобистона рехта, баргҳои тирамоҳӣ пайдо шуда, давомнокии умри баргҳои баҳории тобистона 60 - 70 рӯз, тирамоҳӣ бошад, то 210 рӯз ё зиёдтар аст. Баргҳои тобистонаи рехта, барои ҳимояи решаҳо аз хунукӣ дар қабати хок муҳофизи хуб мегарданд.

Сабзиши решаҳо дар баҳор нисбат ба баргҳо 8 - 10 рӯз пеш аз ҳисоби истифодабарии захираи моддаҳои дар шохчаҳои аз соли гузашта боқимонда сар мешавад. То вақти саршавии сабзиши баргҳо, гулдонҳо ва ташаккулёбии буттаҳо, ташкилёбии шадиди решаҳо бо миқдори зиёди мӯйчаҳои ҷаббанда, ки таъмингари минбаъдаи ғизои минералӣ мебошанд, ба назар мерасад.



Сохти решагии растании калонсолаи қулфинай аз решачаҳои бисёрсола, решаҳои паҳлӯии сахтпечида ва иловагӣ таркиб ёфтааст. Анбӯҳи асосии решаҳо дар қабатҳои болоии хок, дар чуқурии 25 - 30 см танҳо баъзе решаҳои шохчаҳои модарӣ дарчуқурии то 70 - 100 см ҷойгиранд. Ҳарорати мӯътадили хок барои сабзиши решаҳо на кам аз +7, +8 $^{0}$C мебошад. Аз ин рӯ, шинондани қулфинай дар

охирҳои фасли тирамоҳ, ки ҳарорати хок паст мегардад, ба инкишофи растании қулфинай монеъ мегардад.

Қулфинай зимистонро бад мегузаронад. Паст гаштани ҳарорати ҳаво то -6, -7 $^{0}$C дар қабати ҷойгиршавии решаҳо боиси нобудшавии решаю кундаҳо мегардад. Рӯпӯши барфӣ (на кам аз 20 см) сохти решагии растаниро аз хунукзанӣ ҳифз менамояд.



Аз ин рӯ барфпӯшкунии он яке аз чораҳои зарурӣ барои нигоҳубини қулфинай мебошад. Дар он ноҳияҳое, ки барф кам меборад, бояд растаниҳои қулфинай бо хасу хошок, торф ё плёнка пӯшонда шаванд. Дар расм барфпӯш кардани қитъаи замини қулфинай дар х/д «Неъмат» деҳаи Моинкаҷи ҷ/д Роҳатӣ, н. Рӯдакӣ. Баъди зимистонгузаронии мувофиқ, қулфинай баробари афзудани ҳарорати гармӣ ба қадкашӣ оғоз менамояд. Аввалин баргҳо фаъолона месабзанд ва баъди 12 - 15 рӯз, сабзиш ва шукуфтани **гулҳои қулфинай оғоз мегардад.** Миқдори гулҳо вобаста аз навъ метавонад

аз 6 то 20 - то бошад. Қадкашӣ ва инкишофи гулҳо, ҷудошавии пумбакҳои қулфинай қариб ду ҳафта, гулкунӣ то 25-30 рӯз давом мекунад. Дар ҳавои гарму хушк гулкунӣ бо суракт, дар ҳавои хунук он тӯл мекашад.



Гулҳои қулфинай дуҷинса буда, ба воситаи замбӯру дигар ҳашаротҳо гардолуд мешаванд. Пас аз 20 - 30 рӯзи гардолудшавӣ меваҳояш ба пухтан сар мекунанд. Давомнокии пухтани мева аз боду ҳаво вобаста аст: дар тобистони гарму хушк пухтани мева тез, дар ҳавои сарду борон то 30 рӯз ё бештар тӯл мекашад.

Меваи қулфинай самаранок буда, аз гулҳои зиёдруста иборат аст ва дар мағзи он тухмҳо ҷойгиранд.

**НАВЪҲОИ ҚУЛФИНАЙ**

Парвариши муҳими қулфинай бо харҷи ками меҳнат - истифодабарии навъҳои серҳосили ба касалиҳо тобовар, ки аз онҳо минбаъд маҳсулоти босифату аъло гирифтан мумкин аст, иборат аст.



Навъҳои қулфинай аз рӯи сабзиш ба барвақтӣ, миёна ва дерпаз ҷудо мешаванд. Одатан навъҳои барвақтӣ **(Заря, Кокинии барвақтӣ, барвақтии Махерауха ва ғ.)** нисбат ба миёнапазҳо 10-15 рӯз пеш пухта, ҷамъоварии ҳосилро метезонанд. Лекин ҳосилнокии ин навъҳо на он қадар баланд (4-5 т/га) аст.

Аз ин рӯ майдони парвариши ин навъҳо на бояд аз 10% - и майдони умумии кишти қулфинай зиёд бошад.



Аз миёнапазҳо навъҳои беҳтарин - **Зенит, Кулон, Надежда, Редгонтлит, Фестивальная ва ғ.** ба ҳисоб меравconfigured. **Барои ин навъҳои серҳосил (10 - 15 т/га) қисми зиёди майдон (60 - 70%) ҷудо карда шавад. Навъҳои дерпаз (Зенга Зенгана, Холидей ва диг.) бояд 20 - 30%-и ҳамаи кишти онро ташкил диҳанд.**

Амалия ва таҷриба нишон медиҳад, ки дар як хоҷагӣ парвариши навъҳои зиёд ба мақсад

мувофиқ нест. Дар як қитъа як навъи пешпаз, ду навъи миёнапаз ва як навъи дерпаз шинонидан мувофиқи мақсад шуда метавонад.

Дар поён навъҳои ноҳиябандишудаи паҳнгардидае, ки бо харҷи ками меҳнат рӯёнда мешаванд, тавсия мегарданд.

**НАВЪИ СЕВЕРА**



Навъи **Севера** дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон парвариш карда мешавад.

Ин навъ буттаи миёнақад дошта, баргҳояш нисбат ба дигар навъҳо калон мебошанд. Ҳосилнокии ин навъ аз 1 гектар 6 - 7 тоннаро ташкил медиҳад. Вазни миёнаи меваaш 7,9 грамро ташкил медиҳад

Пухта расидани меваи ин навъ, ба минтақаҳо вобаста аст. Дар минтақаҳое, ки ҳарорати гармии ҳаво аз 20 то 25 градусро ташкил медиҳад, нашъунамо ва ҳосили хуб медиҳад. Ин навъ ба касалиҳои пӯсиши хокистарранг ва зардшавии баргҳо тобовар аст.

**НАВЪИ СЮРПРИЗ**



**Навъи Сюрприз дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон парвариш карда мешавад.**

Буттааш баланд ва нисбат ба дигар навъҳо сербарг мебошад. Ҳосилнокии ин навъ аз 1 гектар аз 5 то 8 тоннаро ташкил медиҳад.

Вазни миёнаи меваааш 6,9 граммро ташкил медиҳад. Пухта расидани меваи ин навъ ба иқлими минтақаҳо вобаста аст. Дар минтақаҳое, ки ҳарорати гармии ҳаво аз 20 то 25 градусро ташкил медиҳад, нашъунамо ва ҳосили хуб медиҳад. Ин навъ ба касалиҳои пӯсиши хокистарранг ва зардшавии баргҳо тобовар мебошад.

**НАВЪҲОИ ПЕШПАЗ**



***Заря***. Ин навъ дар стансияи таҷрибавии ВИР - и ба номи Н.И.Вавилови Федератсияи Россия аз дурагакунии (ё ҷуфткунонии) навъҳои **Обильная** ва **Премьер** ба даст оварда шудааст. Бутаааш боқуввати сербарг бу-

да каме парешоншоха аст. Баргҳояш калон, равшану сабзанд. Тӯдагулҳои бисёргула буда, гулҳояш дуҷинсаанду гулдонҳояш кӯтоҳ, меваҳояш миёнаҳаҷм (вазни миёнаи мева дар давраҳои ҳосилгирӣ 6 - 8г) мебошанд.

Меваҳои ҳосили якум калон (20 - 25г) буда, тухмшаклу гарданкӯтоҳ буда, баъдиҳо гирду конусшакл, равшани сурх, ҷилоноканд. Ҳосилнокияш баланду **зимистонгузаронияш хуб буда, ба хазоншавӣ ва касалии гардзанӣ ноустувор мебошад**.



***Кокинская ранняя.*** Ин навъ дар нуқтаи такягоҳии **Брянск (НИЗИСНП) аз дурагакунии навъҳои Ранняя Махерауха ва Кетскилл** ба даст оварда шудааст.

Растанӣ баландқад, миёнабарг буда, мӯйлабчанокияш баланд аст. Меваҳояш миёнаҳаҷм, сиёҳтоб буда, тамъи хоса доранд. Ҳосилнокиаш миёна **(6 - 8 т/га)** асту зимистонгузаронияш миёна буда, аз пӯсиши хокистарранг ва пажмурдашавӣ кам осеб мебинад. Ин навъ ба ҳосилнокии хок ва намнокии миёнаи он ниёз дорад. Дар ноҳияҳои вилояти Брянски Федератсияи Россия ноҳиябандӣ шудааст.



***Ранняя Махерауха.*** Навъ дар **Олмон** ба даст оварда шудааст. Буттааш миёнақад, яклухт, сербарг буда, меваи хушлаззату миёнаҳаҷм дорад.

Ҳосилнокиаш то **10 -12 т/га,** зимистонгузаронияш паст буда, аз касалии гардзанӣ сахт зарар мебинад.

**НАВҲОИ МИЁНАПАЗ**



***Зенит.*** Дар НИ-ЗИСНП – и Федератсияи Россия бо роҳи дурагакунӣ бо навъҳои **Зенга Зенгана ва Редкоут ба даст оварда шудааст**.

Растании миёнасабзи калонҳаҷм миёнабарг буда, меваааш калону миёна, кулӯла ва гарданчадор мебошад. Мағзи меваааш бошиддат сурх, зич буда, тамъи хуш дорад. Ҳосилнокияш баланд асту зимистонгузаронияш миёна мебошад. Ба бемории вилт миёна ва ба пӯсиши хокистарӣ миёнаю ба гардзани кам тобовар аст.



***Редгонтлит.***

Ин навъ дар **Англия** ба даст оварда шудааст. Растании баландқад, миёнабарг, паҳншоха мебошад. Меваҳои якумаш калон, 25-30 г буда, лаззати миёна дорад. Тобоварияш ба зимистон миёна, ҳосилнокияш хуб аст. Навъ ба тортанак, **канаи қулфинай тобовар буда, ба вилт ва пӯсиши хокистарӣ кам гирифтор** мешавад.

***Надежда.***



Ин навъ дар НИЗИСНП – и Федератсияи Россия аз дурагасозии навъҳои **Фестивалӣ ва Пурпуровая** ба даст оварда шудааст. Растанӣ тавоно, баландқад, шохаҳояш нимпаҳн мебошанд.

Меваҳояш калон ва конусшакланду бе гарданчаанд. Мағзаш сурхи равшан, зич буда, тамъи хуш дорад. Ҳосилнокиаш баланд - то **15 т/га,** зимистонгузаронии хуб дорад.

Ба **вилту гардзанӣ ва пӯсиши хокистарӣ ба дараҷаи миёна тобовар** аст. Барои вилоятҳои маркази минтақаи ғайрисиёҳхоки Федератсияи Россия тавсия карда шудааст.



***Фестивальная.*** Дар стансияи таҷрибавии ВИР ба даст оварда шудааст. Баландбутта, сербаргу калонҳаҷм аст. Меваҳои чиниши аввалаш калону миёнасахтанд, бо нақлиёт кашондан имкон дорад. Ҳосилнокияш **8 - 15 т/га** буда, тобоварияш ба зимистон гузарони баланд аст.

Тобоварияш ба тортанаккана ва пӯсиши хокистари миёна ва ба вилт суст мебошад. Дар бисёр минтақаҳои Россия ноҳиябандӣ шудааст.

**НАВҲОИ ДЕРПАЗ**




***Зенга Зенгана.*** Ин навъ дар **Олмон** ба даст оварда шуда, растании баландқад, ғафс ва сербарг аст. Мевааш калон, миёнасахт ва хуштамъ аст.

Ҳосилнокиаш баланд, тобоварияш ба зимистон миёна аст. Ба бемори вилт (пашмурдашавӣ) устувор буда, аз касалии гардзанӣ сахт

зарар мебинад. Дар бисёр вилоятҳои Россия ва Украина ноҳиябандӣ шудааст.



***Холидей.*** Дар ИМА ба даст оварда шудааст, буттааш кутоҳ аст, миёнабаргу ғафс буда, меваааш миёнаҳаҷм, сурхи равшан ва зич буда, тамъи хуб дорад.

Ҳосилнокияш миёна, ба зимистон миёна тобовар буда ба вилту пӯсиши хокистарӣ ва гардзанӣ миёна тобовар мебошад. Дар минтақаҳои қулфинайпарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвариш шуда, аз он ҳосили дилхоҳ ба даст овардан мумкин аст.



Ҳосили навъи холидей

**ТЕХНОЛОГИЯИ ПАРВАРИШ**

## Интихоби қитъаи замин.

Барои қулфинай қитъаҳои ҳамвор, офтобӣ ва аз шамол эминеро ҷудо мекунанд, ки зимистон сербарф бошанду дар баҳор, бе бозгашти сардӣ аз ҳавои хунук зарар набинад. Дар қитъаҳои паст шинондани қулфинай тавсия дода намешавад, зеро аз нарасидани гармӣ растании қулфинай дар чунин заминҳо суст сабзиш ёфта, аксар вақт нобуд мегардад.

Ҳангоми интихоби қитъаи замини қулфинай бояд дар назар дошт, ки ин зироат дар хокҳои сабуку ҳосилхез хуб мерӯяд, ки нитрогени хубҳалшавандааш на кам аз 4 - 5 мг/100г, нитратҳо 2,5 - 10, фосфори фаъол 28- 37, калий фаъол 13 - 17 мг/100 г дошта бошад. Зиёд будани каллий дар таркиби хок ба нашъунамои растании қулфинай хеле зарарнок аст.

Талаботи зиёди қулфинайро ба намнокӣ ба назар гирифта, қитъаҳои ба обанбор, ҳавз, дарё, ё дигар манбаъҳои ба об наздик бояд интихоб шаванд. Лекин наздик будани обҳои serизаминӣ ва тӯлонӣ об мондани қитъаи замини қулфинай ба сабзиш ва инкишофи зироат таъсири манфӣ мерасонад.

Киштзори қулфинай бояд бо минтақаи аз шамол ҳифзкунандаи дарахтоне, ки ба намноки эҳтиёҷ доранд, таъмин бошанд. Чун сипар аз шамол шинондани сафедор дар гирди киштзор тавсия дода намешавад. Зеро он решаҳои берназхокӣ дошта, заминро сахт мехушконад ва қулфинай аз норасоии об танқиси кашида,

камҳосил мегардад.

Майдони кишти қулфинайро дар шакли росткунҷа ҳамвор мекунанд, ки барои истифодаи воситаҳои техникӣ ҳангоми кишту нигоҳубини растанӣ осон гардад.

Барои овардани кӯчат, пору, мевақуттӣ, рафту омади наклиёти кишоварзӣ, инчунин кашондани ҳосил роҳҳои марказӣ инчунин дар атрофи киштзор ва байниқитъавӣ бунёд менамоянд. Роҳи марказӣ бояд дигар роҳҳои киштзорро пайваст намояд. Агар майдони кишт аз 4 га зиёд бошад, онро ба қитъачаҳо ҷудо карда, дар байни онҳо роҳҳои байниқитъавӣ месозанд. Паҳнии роҳи марказӣ бояд на кам аз 7 м, роҳи гирди киштзор 5 ва байниқитъавӣ 3-4 м бошад. Дар гӯшаҳои майдон барои гардиши трактор бо дастгоҳи ниҳолшинонӣ ва дигар амалҳо низ ҷойро ҳамвор мекунанд.

Гирифтани ҳосили баланди қулфинай, аз оқилона истифодабарии техникаи кишоварзӣ ва дуруст ба роҳ мондани меҳнат ва амалӣ гаштани киштҳои махсуси зироат вобаста аст. Онҳо имкон медиҳанд, ки қитъаҳо аз алафҳои бегона, зараррасонҳо ва касалиҳо тоза шуда, растанӣ бо ғизои зарурӣ таъмин гардад. Риоя накардани киштгардон дар майдони интихобшуда барои парвариши қулфинай хатои калони парвариши зироат мебошад.

Қулфинай дар қитъаи замини интихобшуда 3 - 4 сол хуб нашъунамо меёбад. Соли кишт агар ҳосил зиёд бошад, дар ин майдон ҳосилно-

кии хок кам шуда, афзудани барангезандагони касалию зараррасонҳо сабаб мегардад. Аз ин рӯ, барои ҳосилхез мондани майдонҳо ҳар сол ниҳолҳои нави қулфинайро шинонда, растаниҳои пир миқдор бояд зери хок карда шаванд.

Қулфинай зироати хуби пешинакишт барои бисёр зироатҳои ғаллагиҳои баҳорию тирамоҳӣ, алафҳои бисёрсолаю яксола, лӯбиёгиҳо мебошад. Дар системаи киштгардони қулфинай истифодаи **картошка, помидор, занҷабил, бодиринг, каду тавсия** намешаванд. Зеро ин зироатҳо барангезандагони фитофтороз ва вертисиллези хазоншавӣ буда, қулфинайро бо тезӣ нест мекунанд.

Айни ҳол дар хоҷагиҳо киштгардонҳои қулфинай бо истифодаи майдонҳои на он қадар зиёд таҷриба мешаванд. Лекин ин амал ҳам мисли он ки дар киштгардонҳо миқдори зиёди майдон нӯҳ маротиба истифода гардад, дуруст нест. Миқдори майдонҳо дар киштгардонҳои қулфинай бояд муносиб буда, дар хок ҷамъ шудани моддаҳои ғизоиро таъмин карда, майдонро аз алафҳои бегона ва зараррасонҳою барангезандагони касалиҳо тоза намояд.

Майдон дар киштгардони қулфинай бояд замини дамгирифта бошад. Хуб мебуд, ки инчунин дар киштгардон парвариши **ҳардал (горчицу на сидерат)** барои қулфинай кошта шавад, зеро вай аз худ фитонсидро дар хок ҷудо карда, онро аз **нематод** ва дигар зараррасонҳо тоза менамояд.

Барои **ҳардал** замини махсус ҷудо кардан шарт нест. Давраи кӯтоҳи нашъунамои ҳардалро ба назар гирифта, онро пас аз шудгори охирини

(соли дуюм ё сеюми ҳосилдиҳӣ) дар майдони қулфинай мекоранд. Агар ҳардалро дар даҳаи моҳи июл коранд, то расидани хунукиҳо г**улу бутта** мезанад, ки онро ба сифати поруи сабз ба кор мебаранд. Аммо ҳангоми кишти қулфинай дар киштгардони соли аввали дамгирифта кофӣ нест, бинобар он дигар зироатҳоро ба он дохил мекунанд. Дар хокҳои таркиби физикияшон бад дар киштгардони қулфинай алафҳои бисёрсоларо дохил мекунанд. **Дар ин маврид нақшаи киштгардон бояд чунин бошад:** 1 - замини дамдодашуда, 2 - қулфинайи навшинонда, 3 – 5 - қулфинайи ҳосилдиҳанда, 6 - 7 алафҳои бисёрсола. Ҳамин тавр, чун **ҳардал** алафҳои бисёрсола дар тобистон пас аз шудгори майдони охирини ҳосилдори қулфинай кошта мешаванд. Пас аз алафҳои бисёрсола **ҷави тирамоҳӣ** ё гандум коштан мумкин аст. Дар ин маврид киштгардон ҳашт ва нӯҳ майдона шуда, фосилаи байни майдонҳои қулфинай 3 солро ташкил медиҳад. Чунин фосилаи дароз то шинондани қулфинай дар киштгардон барои тоза шудани хок аз зараррасонҳо ва барангезандагони касалиҳо шароит муҳайё менамояд. Интихоби киштгардони қулфинай аз як қатор шароитҳои ташкилӣ, агротехникӣ ва ғ. вобаста аст. Масалан, ҳангоми кофӣ набудани замину мавҷуд набудани соҳаи чорводорӣ дар хоҷагӣ киштгардони қулфинай бояд кӯтоҳмуддат (бе алафҳои бисёрсола ва тирамоҳиҳо) бошад.

**ОМОДАСОЗИИ ХОК**

Ҳангоми коркарди қулфинай бо харҷи ками меҳнат нақши тайёр кардани хок хело муҳим аст. Ин амал як қатор хусусиятҳо дорад, ки бо муҳайё кардани қабати ҳосилнок ва аз алафҳои бегона тоза намудани замин алоқаманд буда, имкон медиҳад, ки минбаъд миқдори коркарди байниқаторӣ, хусусан хишова кам гардад.

Баъди бурриши майдонҳои киштгардони қулфинай санҷиши агрохимиявии хок гузаронида, муайян мекунанд, ки хок кадом намуд буда, то кадом андоза аз алфҳои бегона тоза аст. Дар асоси ин тадқиқот картограммаи таъминоти хок бо унсурҳои ғизоӣ ва инчунин нақшачорабиниҳо барои мубориза бо алафҳои бегона тартиб дода мешавад.

Дар хокҳои вазнин ва шӯр растании қулфинай сабзиши суст дошта, инкишоф ёфтани қулфинай ва дигар зироатҳоро ба назар гирифта, аз усули агротехникӣ- **оҳаколуд** намудани хок ҳатман истифода мебаранд. Дар киштгардон **оҳак** 2-3 сол, пеш аз шинондани қулфинай истифода бурда мешавад.

Миқдори сарфи истифодаи оҳак аз рӯи ишқорнокии гидролитикии хок тавассути формулаи зерин муқаррар карда мешавад:

$$C = 50Hdh$$

дар ин ҷо: Н – нишондиҳандаи ишқорнокии гидролитикии хок,

**мг–экв/100 г хок**

**$d$ –ҳаҷми массаи хок, г/см$^3$;**

**$h$ – чуқурии қабати ҷуфт, см.**

Ҷадвали 1

Миқдори намунавии оҳак дар хокҳои хокистарӣ, т/га

| **Хокҳо** | P$h$ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 4 | 4,1 – 4,5 | 4,6 - 5 | 5,1 – 5,5 | 6 |
| Қумӣ ва сабукрегҳо *(Супесчаные и легкосуглинистые)* | 6 | 4,5 | 3 | 1,5 | - |
| Миёна ва вазнинрегиҳо *(Средние и тяжелосуглинистые)* | 9 | 6,5 | 5 | 4 | - |

Қулфинай дар давраи нашъунамо моддаҳои ғизоии зиёдро талаб мекунад, аз ин рӯ ҳангоми тайёр кардани замин, махсусан ба таъмини он бо поруҳои органикию минералӣ диққат медиҳанд.

Миқдори поруҳои органикӣ барои қулфинай бояд на камтар аз 50-60 т/гектарро ташкил диҳад.

Агар замини киштгардон бори аввал бо пору таъмин карда шавад, пас миқдори он метавонад то ба 100 т/га расонида шавад.

Вақте ки хоҷагӣ пору надошта бошад, аз силоси зироатҳои **ҳардал**, **нахуди даштӣ, ярмаи овёс, нахӯд, офтобпараст, шалғами равғанӣ** истифода бурда метавонанд. Ҳарчанд дар ин ҳол ба замин миқдори зиёди поруи органикӣ рехта шавад ҳам, дар он норасоии микроэлементҳое,

ки барои инкишофи мӯътадили қулфинай заруранд, ба назар мерасад. Ғайр аз ин, микроэлементҳои **бор, мис, марганес** ҳосилнокиро афзун намуда, сифати меваи қулфинайро беҳ мегардонанд. Аз ин рӯ, ҳангоми тайёр кардани замин барои шинондани ниҳоли қулфинай ба замин поруи органикӣ рехтан лозим аст.

Миқдори ғизои минералӣ, вобаста ба нишондиҳандаҳои агротехникии хок муқаррар карда мешавад. Тавсифномаи хок аз рӯи дараҷаи таъминот бо унсурҳои асосии ғизоӣ барои қулфинай дар ҷадвали 2 ва 3 оварда шудааст.

Ҷадвали 2

Дараҷаи таъминоти хок бо фосфори фаъол барои қулфинай дар қабати 0-40 см, мг/100г хок

| Таъминоти хок | Аз рӯи Кирсанов | Аз рӯи Чириков | Аз рӯи Магичин |
|---|---|---|---|
| Хеле паст | 2,5 | 4 | 1,5 |
| Паст | 2,6 - 5 | 4,1 - 8 | 1,6 – 3 |
| Миёна | 5,1 – 7,5 | 8,1 - 12 | 3,1 – 4 |
| Баландкарда шуда | 7,6 - 10 | 12,1- 15 | 4,1 - 5 |
| Баланд | 10,1 – 12,5 | 15,1 – 20 | 5,1 – 6 |
| Хеле баланд | 12,5 | 20 | 6 |

Ҷадвали 3

Дараҷаи таъминоти хок бо калии фаъол барои қулфинай дар қабати 0-40 см, мг/100г хок

| Таъминоти хок | Хокҳои миёна ва вазнин | | Хокҳои сабук | |
|---|---|---|---|---|
| | Аз рӯи Кирсанов ва Чириков | Аз рӯи Магичин | Аз рӯи Кирсанов ва Чириков | Аз рӯи Магичин |
| Хеле паст | 3 | 10 | 1,6 | 3,5 |
| Паст | 3,1 - 6 | 10,1 - 15 | 1,7 - 3 | 2,6 – 7 |
| Миёна | 6,1 - 12 | 15,1 - 18 | 3,1 - 6 | 7,1 – 11 |
| Баландкардашуда | 12,1 - 17 | 18,1 - 25 | 6,1 - 8 | 11,1 – 15 |
| Баланд | 17,1 - 21 | 25,1 - 30 | 8,1 - 10 | 15,1 – 19 |
| Хеле баланд | 21 | 30 | 10 | 19 |

Ғизоҳои нитрогендор пеш аз шинондани қулфинай истифода бурда намешаванд, зеро барзиёдии нитроген барои нашъунамои кӯчат таъсири манфӣ расонда, аз ҳад баландшавии сабзиш ва паст гаштани инкишофи узвҳои репродуктивӣ мешавад.

Дар тирамоҳ, ҳангоми шудгори замини дамдодашуда ғизоҳои **органикию минералиро** истифода бурдан хело хуб аст. Агар як-ду майдони қулфинайе, ки ҳосилашро дер ҷамъоварӣ карда шавад, он гоҳ поруро метавон ба замини дамгирифта дар баҳорон барвақт пошидан лозим аст.

  

Дар расми мазкур нишон дода шудааст, ки поруро дар майдон ё дар наздикии майдони қулфинай зимистон нигоҳ доштан лозим аст. Поруро бо порупошак ба замин пошида, баъдан зери хок мекунанд. Баъди порурезӣ рӯи хок ҳамвор карда мешавад.

### ИСТИФОДАИ ЗАҲРДОРУҲО (ПЕСТИДСИТҲО)

Яке аз усулҳои зарурии тартиби тайёркунии хок ҳангоми парвариши қулфинай бе харҷи ками меҳнат - ***нест кардани алафҳои бегона дар замини дамдодашуда бо истифодаи заҳрдоруҳо (гербисидҳо) мебошад.*** Камтарин миқдори заҳрдоруҳо барои хокро аз рӯи дараҷаи алафҳои бегонадории қабати болоии он муқаррар мекунанд. **Аз рӯи қоида агар дар қабати 0-10 см миқдори тухми алафҳои бегона на кам аз 50 млн.дона/га бошад, заҳрдоруҳоро истифода мебаранд.** Инчунин таҷриба нишон додааст, ки дар қабати болоии хок бештар тухми алафҳои бегона ҷойгир шуда, бо пошидани пору миқдори онҳо меафзояд.

**Гербиситҳои универсалии беҳтарин барои нест кардани алафҳои бегонаи яксола, бисёрсола ва инсектоситҳо барои нест кадани ҳашаротҳои зараррасон дар қитъаҳои замини қулфинай тавсия дода мешаванд.**




Аввалин **заҳрдоруи** ба замини дамгирифта мепошидагӣ **Лонтрал 300Д** аст. Онро баҳори барвақт пас аз хуб расидани хок истифода мебаранд. Пеш аз ин майдонро ду маротиба сихмола намуда, ҳамвор намуда, то ба намуди майдакулух мерасонанд.

Истифодаи ин заҳрдору несткунии миқдори зиёди қадкашии алафҳои бегонаи дупаллагиро таъмин мекунад.

**Лонтрал 300Д** заҳрдоруи нисбатан устувори хок буда, онро на дертар аз 3 моҳ то шинондани қулфинай истифода мебаранд. Дар

мубориза ба **ачирики** хазанда дар киштгардони кулфинай дар замини дамгирифта аз **Лонтрал 300Д** истифода мебаранд. Ин заҳрдору фаъолияти ҳаётии решаи ин алафро, ки бештар дар чуқурии 10-15 см ҷойгиранд, нест мекунад. **Лонтрал 300Д** беҳтараш ҳангоми нармкунии (култиватсияи) хок истифода бурда шавад.

Усули асосии истифодабарии **Лонтрал 300Д - пошидан** аст. Меъёри харҷи ин заҳрдору дар маълумотномаҳои он нишон дода шудааст. **Лонтрал 300Д** дар хокҳои намнок бештар муфид аст. Аз ин рӯ, дар ҳавои хушк замини дамгирифтаро пешакӣ аз ҳисоби 80-100м$^3$/га обёрӣ мекунанд.

Истифодаи маводи (перепарати) **«Зеребра Агро»** - танзимкунандаи комплексии беҳтарини нашъунамо ва афзоиши растанӣ бо таъсири **фунгисидӣ** дар асоси пайвастагии нуқра.

Маводи номбурдаро 8-10 мл. дар 10 л. оби гарм тайёр кардан лозим аст. Маводи «Зеребра

Агро» бояд дар ҳарорати на камтар аз +5$^0$С нигоҳ дошта шавад. Сарфи истифодаи ин дору барои кулфинай 100-150 мл. дар 1 га мебошад. Сарфи маҳлули корӣ 300 л/га мебошад.

Коркарди кулфинайро бо маводи «Зеребра Агро» маротибаи аввал пас аз пайдо шудани як - ду барги ҷавон мегузаронанд. Коркарди дуюмро баъди 15 - 20 рӯзи коркарди аввал ва коркарди сеюмро баъди 20 - 22 рӯзи коркарди дуюм мегузаронанд.

Маводи Бигус – танзимкунандаи маҷмуӣ (комплекси) (регулятор роста растений) мебошад. Доруи номбурда сифати маҳсулотро баланд мегардонад. Сарфи истифодаи дору 0,4 - 0,6 л/га мебошад. Сарфи маҳлули корӣ 400 - 500 л/га мебошад. Се чор маротиба қулфинайро то охири инкишоф коркард намудан мумкин аст. Коркарди якум аввали баҳор, пас аз пайдо шудани як - ду барги ҷавон ва минбаъда пас аз ҳар 10 - 15 рӯз истифода бурда мешавад.

**Аҷириқхори саҳроӣ ва печаки саҳроӣ** дар қитъаҳои қулфинай, чун алафи бегонаи бисёрсола махсусан зараровар буда, қобилияти баланди худэҳёкунӣ ва сохти тавонои решагӣ (то 9 метр ва бештар) дорад. Он ҳам бо тухм ва ҳам бо усули сабзиш - ***тавассути шохчаҳои буғумдори зеризаминӣ, ки пас аз коркарди хок (ҷуфт, сихмола ва г.) ба вуҷуд меоянд, афзоиш мeёбад.*** Аз ин сабаб мубориза бо он хеле душвор аст.

То ба қарибӣ, усули асосии нест кардани **аҷириқхори - саҳроӣ ва печаки саҳроӣ** дар киштгардонҳо ва барои нест кардани он лушилникҳо истифода бурда мешуд. Аммо истифодаи заҳрдоруҳои гурӯҳи 2,4 - Д, аз ҷумла, намаки **аминий** 2,4 - Д судманд аст. Ин алафҳоро бо заҳрдору дар давраи пайдо шудан, ҳангоми 4 - 5 барг доштанаш, лек на дертар аз 1 моҳи шинондани қулфинай бояд истифода бурд. **Меъёри харҷи маҳлули 40% - аш 2,4 – Д - 4 кг/га, 50% - а ва 60% - аш 2,7 кг/га аст.**

  

Пас аз дорупошии растаниҳо 10 - 15 рӯз дар замини дамдодашуда ягон коркарди механикӣ гузаронида намешавад. Дар ин муддат заҳрдору аз баргҳо ба реша дохил шуда, онҳоро нест мекунад. Ҳангоми баҳор ва нимаи аввали тобистон бо ин заҳрдору коркард гузарондан лозим ва решаҳо дар чуқурии 20 - 40 см, дар коркарди тирамоҳӣ бошад, дар чуқурии то 50 см ва беш аз ин ҳам нест шаванд. Ҳар қадар, ки заҳрдору чуқуртар равад, ҳамон қадар бештар муғчаҳои сабзиш аз фаъолият мемонанд.

**ТЕХНИКАИ ДОРУПОШӢ**

Барои дар хок баробар пошидани заҳрдору аз техникаи дорупошӣ истифода мебаранд. Агар хоҷагӣ чунин техника надошта бошад, метавонанд аз шамолдиҳак истифода баранд. **Дорупошакҳои насбшаванда ва ғизодиҳакҳои беҳтарин дар ин дастурамал барои Шумо истифодабарандагон тавсия дода мешаванд.** Пеш аз корфармоӣ онҳоро ба меъёру реҷаи аниқшуда тайёр карда, суръати ҳаракати дастгоҳ, намуд ва миқдори дорупошакҳоро ба назар мегиранд.

| Намуди зироат | Номгӯи гербисит | Меъёри хароҷоти гербисит | Меъёри истифодабари гербиситҳо |
|---|---|---|---|
| **Қулфинай (Клубника)** | **Лонтрел-300Д** | **3 мл/3 л об** | **Пошидани захрдору ба растаниҳои қулфинай баъди ҷамъоварии ҳосил.Микдори коркарди захрдору 1 маротиби дар мавсим.** ***Хароҷоти маҳлули гербисит: 3л/50 м²*** |
|  | | | **Дорупошаки гидравликии Лемира ОГ-302. Тавсифнома:** ***дарозии рӯдаи резинӣ пошанда 0,73 м, масофаи пошхӯрии заҳрхимикат 1,2 м, Вазнаш 0,25 кг.*** <br> ***Дар маҷмӯи дорупошаки Лемира ОГ – 302 «Сузандору», рӯдаи резинӣ, дастурамал барои истифодабарӣ.*** |
|  | | | **Дорупошакӣ KWAZAR ОРИОН 9Л. (ORION V-9)** <br> ***-Фишори миёнаи корӣ – 0,35 МПа.*** <br> ***-Самаранокиаш - 0,25-0,90 л/мин.*** <br> ***-Дарозии рӯдаи резинии корӣ - 150 см.*** <br> ***-Дарозии қубари металӣ – 120 см.*** <br> ***-Ҳаҷм -9 л, Дарозӣ – 73 см, Бар –26см,*** <br> ***- Баландӣ – 26 см, Вазнаш – 3 кг.*** |
|  | | | ***Дорупошаки богии FORTE ОП - 8*** <br> ***Тавсифномаи дорупошаки FORTE ОП-8 Ҳаҷми дорупошак 8 л*** <br> ***Вазнаш 1.6 кг*** |

| | |
|---|---|
|  | ***Дорупошаки гидравликии ЛЕМИРА ОГ-101- 01 барои пошИдани заҳрхимикатҳо, ҳангоми ҳимояи растаниҳо аз ҳашаротҳои зараррасон ва касалиҳои растаниҳо.***<br>**1.8 м – дурии пошидани захрхимикат, 15 л – ҳаҷми дорупошак, 0,05 бар – фишори дорупошак, 100 см – дарозии фоидовариаш (ширина захвата), 3.3 кг – вазнаш.** |
|  | ***Тавсифномаи дорупошаки Лемира ОП-202- 02***<br>***6 л – ҳаҷми дорупошак,***<br>***1.8 м – дури пошидани заҳрхимикат,***<br>***1.8 кг – вазнаш.*** |
|  | ***Дорупошаки (Пневматический) ОП-207 барои безарар гардонидани растаниҳо аз ҳашароту касалиҳо истифода бурда мешаванд.***<br>***Инчунин барои пошидани заҳрхимикатҳо, ва маҳлулҳои нуриандозӣ истифода бурда мешавад.***<br>***5 л, 8 л, 10 л – ҳаҷми дорупошакҳо*** |

Ин дорупошакҳо барои мубориза бо зараррасонҳо, касалиҳои қулфинай ва алафҳои бегона таҷҳизонида шудааст. Барои боздоштани паҳнгардии зиёди тортаннаккана, ки ба қулфинай зарари калон мерасонад, то обмонӣ ба растаниҳо доруҳои химиявӣ мепошанд. Дар худи ҳамин давра 200 - 250 кг/га суперфосфат ва

100 - 150 кг/га намаки калий истифода мешавад. Пас аз обмонӣ, вақте ки хок хушк мегардад, онро бо сихмолаи сабук мола мекунанд.

Баъзан дар шароити мусоид дар заминҳои соли аввали ҳосилдеҳ алафҳои бегонаи гармидӯсте, чун **ачирик, саломалек, печак** ва ғайраҳо метавонанд пайдо шаванд. Онҳоро бо коркарди байниқаторӣ нест карда, баъд бо миқдори **2 кг/га ленасилро** истифода мебаранд.

Барои муҳофизати растаниҳо аз хунукзанӣ, чун нигоҳубини навниҳолон барфзахиракунонӣ гузаронда, пӯшондани киштзорҳоро бо масолеҳи гуногун (хошок, қоғаз ва ғ.) ба роҳ мемонанд.

Ба ҷуз усулҳои химиявии мубориза бо алафҳои бегона дар киштгардонҳои қулфинай чораҳои пешгирикунии зерин низ аҳамияти муҳим доранд: **несткунии алафҳои бегона дар ҷангалмонеаҳо, қад-қади роҳҳо, тайёр ва ҳифзи дурусти пору; шинондани** зироатҳо ба тухмии навҳои I-II – репродуктиви (репродукция), бисёрсолаҳоро бошад, бо тухмиҳои аз алафҳои бегона тоза.

Бо мақсади нест кардани алафҳои бегона дар заминҳои коркарднашуда як қатор чорабиниҳо гузаронида мешавад, то ин ки ташкилёбии тухмҳо ва паҳншавияшон пешгирӣ карда шавад.

Лаб-лаби роҳҳо алафҳои бегонаро мунтазам даравида, заҳрдору мепошанд. Инчунин қад-қади роҳҳо коштани алафҳои бисёрсолаи омехтаи ғаллагию лӯбиёгӣ, ки шоху баргашон

инкишофи алафҳои бегонаро пахш мекунанд, ба мақсад мувофиқ аст.

Аз усулҳои механикии коркарди хок дар заминҳои дамдодашуда нармкунӣ (култиватсия), **чархмола, сихмола,** махсусан пас аз борон ва нарму ҳамвор кардан истифода мебаранд.

Пеш аз кишт заминро ҷуфт карда, сихмола мегузаронанд, то ки дар **чуқурии 7-10 см қулфинай шинонда** шавад. Аз ин чуқуртар ҷуфт кардани хок мувофиқи мақсад нест, зеро он ба шинондани механикӣ халал мерасонад. Пеш аз шинондан, ҷуфт кардани замини дамгирифта мумкин нест, зеро қабати болоӣ, ки аз алафҳои бегона тоза шудааст, ба зери хок рафта, аз зери хок қабати сертухми алафҳои бегона ба боло мебарояд. Аз ин сабаб рехтани пору пеш аз шинондани қулфинай ҳам манъ аст. Агар ба ҷуфти чуқур зарурият пайдо шавад, аз кулухмайдакунакҳо ё плуг (испор), ки аз тани он хокгардонҳо ҷудо карда мешаванд, истифода мебаранд.

**КӮЧАТШИНОНӢ**

***Талабот ба сифати кӯчат.*** Барои ба даст овардани ҳосили бардавом дар қитъаҳо кӯчати босифат шинондан муҳим аст. Аз ин рӯ, кӯчати нахустин бояд ба талаботи зерини стандартӣ ҷавобгӯ бошад: **тозанавъ, бе нуқсонҳои техникӣ буда, пажмурда набошад, муғчаҳои болоии хуб инкишофёфта дошта бошад.**





Технологияи парвариши қулфинай дар ҷамоати деҳоти Кирови ноҳияи Вахши вилояти Хатлон



Технологияи парвариши қулфинай дар гармхонаҳои хоҷагии деҳқонии «Бобои Худойқул» - и ҷамоати деҳоти Чортеппаи ноҳияи Рӯдакӣ



Тарзи тайёр ва парвариш кардани кӯчатҳои қулфинайи навъи Фестивалӣ (Фестивальная)

Сохти решагии растанӣ бояд муғчадор буда, дарозияш то 5 см, барои навъи якум ва 3 см, барои навъи дуюм бошад.



Миқдори баргҳои муътадил инкишофёфта барои кӯчати навъи якум бояд на камтар аз 3, барои навъи дуюм 2 - то бошанду миқдори баргчаҳои ҷавон дар мобайн якто бошад. Одатан, кӯчатҳоро хоҷагиҳои ниҳолпарвари бо роҳи зиёдкунонии хосаҳо дар модарқуттиҳои махсус, ки аз муҳити растаниҳои сабзида эминанд, мепарваранд. Синни ин гуна кӯчатҳо набояд аз 2 сол зиёд бошад. Кӯчатҳои **якачини (элита)** хосаро хоҷагиҳои ниҳолпарвар аз муассисаҳои илмӣ -

тадқиқотӣ, ки иҷозати истеҳсоли кӯчатҳои якачини хоссаро доранд, харидорӣ мекунанд.

Кӯчатҳои яккачини хосаи қулфинай бояд нишонаҳои морфологии муқаррарӣ ва сифатҳои баланди хоҷагию биологӣ дошта, аз касалиҳои карантини озод ва аз вирусу зараррасонҳо пок бошанд.

**Гирифтани кӯчатҳо аз ниҳолхона бояд ҳатман бо додани шаҳодатномаи навъӣ, сертификати карантинӣ ва қайд дар китоби махсуси барориши маводи кӯчатҳо сурат гирад.**

Ҳангоми кашонидани кӯчатҳо риояи қоидаи бастабандӣ, бо нақлиёт бурдан ва ҳифзи онҳо лозим аст. Кӯчатҳоро дар қуттиҳои себбарӣ ё полиэтилинӣ ҷо кардан лозим аст. Онҳоро яққаторӣ, реша дар қисми поён ҷо ба ҷо мекунанд. Дар сурати муваққатан нигоҳ доштани кӯчатҳо ба хушконидани решаю хазоншавии баргҳо роҳ набояд дод.

**Бисёр нигоҳ доштани кӯчати қулфинай дар яхдонҳои махсус, дар ҳарорати -1 - 2$^0$С мумкин аст.** Дар ин ҳолат баргҳои растаниро пешакӣ канда, решаҳо аз хок тоза карда мешаванд. Растаниҳо дар халтаҳои андозаашон 70см х 70см ҷо ба ҷо мекунанд.

Ғафсии плёнкаи полиэтиленӣ бояд 50 - 75 мкм бошад. Халтаҳоро таранг баста, дар қуттиҳои махсус қатор чида, дар ҳуҷраи яхдон нигоҳ медоранд.

***Муҳлатҳои шинондан.*** Чунон, ки таҷриба нишон дод, дар ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шинонидани кӯчатҳои тирамоҳии қулфинай (то 10 - 15 ноябр) давом мекунад. Дар ин мӯҳлатҳо ҳатто растаниҳои то ҳол дамгирифта оғози баҳор аксар вақт як қисми ками онҳо нобуд мешаванд ё ин ки дар ҳолати оромӣ меистанд. Аз ин сабаб, қитъаи замини қулфинай аз нав коркард карда шуда, ба ҷои кӯчатҳои нобудшуда, аз кӯчатҳои захиравӣ истифода мебаранд. Ғайр аз ин, ҳангоми аз нав ба тартиб даровардани қитъаи замини қулфинай корҳои механиконии азнавшинонӣ хеле муҳим мебошад.



Аз рӯи маълумотҳои Институти боғпаравию сабзавоткории АИК Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчатшинонӣ дар тирамоҳ (то 15 ноябр), баҳор (то 20 март) фоидаовар буда, ҳосили хуб медиҳад, дар тобистон (май, июн, июл ва август), дар ҷойҳои хушкидаи қулфинай, шинондани кӯчатҳое, ки аз мӯйлабчаҳо пайдо шудаанд, истифода бурда шавад, фоиданок аст, кӯчатҳои шинонидашудаи тирамоҳию баҳорӣ хуб инкишоф ёфта, миқдори зиёди растанӣ ташаккул меёбад ва баъдтар ҳосили хуб медиҳанд.

Барои шинондан кӯчатҳои тозаи баҳор гирифта ё тирамоҳ кандамондаро истифода бурдан мумкин аст.

Муайянкунандаҳои ҳосилнокии қитъа аз рӯи нақша ва меъёри шинондани қулфинай аҳамияти калон дорад.

**Ҷойгиркунии растаниҳо гуногунанд: буттагӣ, тангҷӯя, кӯшодҷуяк (паҳпалла) ва қолинӣ (плёнкагӣ).** Аз интихоб ва тарзи шинондани он дар қитъаи замини қулфинай нақшаи шинондани кӯчатҳо вобаста аст. Чунончи, ҳангоми шинондани кӯчатҳои буттагӣ ба фосилаи 25 - 30 см дар қатори ҷӯякҳои паҳноияшон 50 см ҷойгир карда мешаванд. Дар усули парвариш дар тангҷӯякҳои паҳмии қаторҳо бояд 80 - 90 см ва фосилаи байни растаниҳо 15 - 40 см (80 - 90 х 15 - 40 см) бошад. Қатори танги паҳноияш 20 - 25 см дар давоми соли аввали нашъунамо аз ҳисоби сабзиши растаниҳои ҷавони иловагӣ ташкил меёбад. Дар паҳнҷӯякҳои қулфинайи духата шинонда мешавад: **фосилаи байни хатҳо 25-30 см, байни ҳар ҷуфти хат 60-70 см, дохили қаторҳо байни растаниҳо 15-20 см [(25-30+90-100)] аз ҳисоби растаниҳои ҷавони иловагӣ, ки аз ду хат пали паҳноияш 50-60 см ташкил мегардад.** Ҳангоми ба тарзи қолинӣ шинондани кӯчатҳо (растаниҳо), онҳоро аз рӯи нақшаи 70 - 90 х 15 -20 см ҷойгир мекунанд. Дар ин ҳолат киштзор аз растаниҳои ҷавон пур шуда, байни қаторҳо вайрон мешавад. Барои нигоҳубини

растаниҳое, ки бо тарзи қолинӣ шинонда шудаанд, механиконии коркард имкон надорад.

Дар баъзе минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шинонидан ва парвариши қулфинай дар тангҷӯякҳо фоиданок аст. Зеро он имкон медиҳад, ки растаниҳо бо техника парвариш ва нигоҳубин карда шаванд.

Ғайр аз ин, бо тарзи тангҷӯяк парвариш кардан дар майдони қулфинай растаниҳо нисбатан кам ҷойгир карда мешаванд, аммо меваҳо ба касалии пӯсиши хокистарӣ кам мубтало мешаванд.

Барои аз тангҷӯякҳо ҳосили баланд гирифтан, дар як $м^2$ ҷӯяк на камтар аз 25 растанӣ доштан зарур аст, ки ин бо шинондани панҷ растанӣ дар 1м (1 пог. м) ва фосилаи байнашон 20 см оварда мерасонад. Шинондани қулфинайе, ки пештар тавсия дода шуда аст, (тангҷӯяк) фосилаи байнашон 40 см буд, пайдоиши микдори зарурии растаниҳоро аз ҳисоби кӯчатҳои ҷавон танҳо ҳангоми мавҷудияти боду ҳавои мусоид ва коркарди муносиб, ки аз таҷриба кам вомехӯрад, имконият медиҳад. Аз ин рӯ, дар бисёр минтақаҳои кишвар парвариши тангҷӯякии растанӣ аз рӯи нақшаи 60-70 х15 см ба мақсад мувофиқ аст. Ҳангоми бо харҷи ками меҳнат парвариш намудани қулфинай, фосилаи байни қаторҳоро метавон ба 70 см кам кард. Чунин ҷойгиркунии растаниҳо имкон

медиҳад, ки ҳангоми шинондан ва парвариш аз техникаҳои хурд истифода бурда шавад.

Мошини кӯчатшинонии **СКН-6А** бо як гардиш метавонад 6 қатор растанӣ шинонад. Ба мошин 12 шинонак ва 6 ба тартиборанда хизмат мерасонанд.

Кӯчатшинонӣ бо обёрӣ сурат мегирад, зеро мошина бо зарфи обгирӣ ва обрезӣ муҷаҳҳаз аст. Дар ҳолати мавҷуд набудани чунин мошин аз усули истифодаи техникаҳои хурд истифода бурдан мумкин аст. Бо ин тарз бо тракторҳои хурд ҷӯяк кашида, онро об мемонанд, шинондани кӯчатҳо бошад, дастӣ анҷом меёбад. Барои кашидани ҷӯяк ва обёрии қаторҳо аз нармкунаки хурди мувофиқкардашуда истифода мебаранд. Ба нармкунак (култиватор) белчаҳои растании ғизодеҳе васл менамоянд, ки дар пармачаҳояш рӯдаҳои (шлангҳои) резинӣ гузошта шудааст. Қубурҳои полиетилониро бо шонача пайваст мекунад, ки лӯлаи (труба) ҳаҷмаш 24,5 мм дорад. Онро ба қубурҳо (рӯдаҳо) васл намуда, ба зарфҳои об, ки дар паҳлуи тракторанд, пайваст мекунанд. Инчунин доштани тамбаи арматурӣ зарур аст. Ин нармкунаки markaзнавҷиҳозонидашуда ба тракторҳои хурд пайваст карда мешавад.

Суръати ҳаракати он бояд аз 1-1,2 км/соат зиёд набошад.

**НИГОҲУБИНИ НАВНИҲОЛҲО**

Ҳангоми парвариши қулфинай бо харҷи ками меҳнат тарзи агротехникии нигоҳубини навниҳолҳо муҳим аст. Онро аз обмонӣ дар ҳаҷми 300-400м³/га сар мекунанд. Обёрӣ инкишофи растанӣ ва минбаъд сабзишу инкишофи мӯътадили онро таъмин мекунад. Баъди обёрӣ пӯшондани намнокӣ ва ҳамворкунии рӯи хоки байни қаторҳо зарур аст. Ин амалҳоро ба воситаи нармкунакҳое, ки кафчаҳои бурранда дошта, чуқур намедароянд, иҷро мекунанд.





**Нармкунакҳое, ки ба техникаҳои хурд васл шуда, барои коркарди байни қаторҳои қулфинай истифода бурда мешавад.**

Пас аз 10 - 12 рӯзи шинондан, вақте ки растаниҳо инкишоф ёфта устувор мегарданд, қитъа бо миқдори 2,5 - 3 кг/га **ленасил** коркард менамоянд. Ба назар бояд гирифт, ки барои тоза кардани алафҳои бегона бо таври дастӣ дар 1 га қулфинай беш аз 100 одам/рӯз лозим аст. Аз ин рӯ, мубориза ба муқобили алафҳои бегона барои нигоҳубини навниҳолҳои қитъаи замини қулфинай усули агротехникӣ ҳатмист. Агар коркард бар зидди алафҳои бегона дар замини

дамгирифта натиҷа надиҳад, **ленасилро** на камтар аз 2 - 3 маротиба пас аз давраи нашъунамо аз ҳисоби 2 кг/га дар **аввали моҳи август ва сентябр истифода ме**баранд.

Муборизаи қатъӣ бо алафҳои бегона бо заҳрдоруҳо дар замини дамгирифта ва қитъаи навниҳолҳо тозагии онҳоро таъмин мекунад. **Дар натиҷа зарурияти хишоваҳои зиёди дастӣ ва коркардҳои механикии байниқатории қулфинай аз байн меравад. Алафҳои бегонаи баъзан пайдошударо бо як-ду хишова, бо харҷи ками меҳнати дастӣ нест кардан мумкин аст.**

Дар миёнаҳои тобистон аз ҳисоби қулфинайҳои ҷавон ба тартиб овардани мӯйлабчаҳо ва аз байни қаторҳо кӯчонидани навниҳолҳо ба ҷӯякҳо зарур мебошад. Ин амал ҳангоми аз ҳад зиёд пайдо шудани мӯйлабҳо, ҳосилнокии қулфинайро кам мекунад. Дер мондан ва батартиборарии мӯйлабҳо ба канда шудан ва нест гаштани аксари растаниҳои ҷавон оварда мерасонад. Дар ин сурат бунёди қатори танг бо миқдори зарурии растанӣ ба иҷро нагашта, ба ҳосили соли оянда таъсири манфӣ мерасонад.

Ба тартибдарории мӯйлабҳои қулфинай бо **нармкунакҳои хурд** гузаронда мешавад. Ба сифати олоти корӣ ковоккунакҳои исканашакл истифода мешаванд, ки болои паҳнии хатаки оянда ва байни қаторҳо фаъолият хоҳад кард. Чуқурии коркарди хок бо исканашаклҳо бояд камтарин (3 см) бошад. Ба тартибдарории мӯйлабҳо аз рӯи

сабзиш (3-4 бор дар мавсим) такрор мешавад.

Қулфинай дар замини дамгирифтаи хуб порудодашуда, ҳангоми нашъунамо, ба ғизои минералӣ эҳтиёҷ надорад. Танҳо ҳангоми номусоид гузаронидани зимистон, вақте ки растаниҳо баҳорон нашъунамои хуб надоранд, ба онҳо ғизои иловагӣ медиҳанд.

Ҳангоми нашъунамо, махсусан дар ҳавои хушки гарм обёрии замин муҳим аст. Обёриро пас аз фурӯ рафтани офтоб ва шабона гузаронидан муфид аст. Давраҳои барои қулфинай бештар масъул – давраи сар то сар пайдошавии мӯйлабҳо ва муғчаҳои ҳосилбанд мебошанд. Дар ин давра бояд намнокии хок ба қадри на кам **аз 75-80%** бошад.

Дар тартиби нигоҳубини навниҳолҳо мубориза, бо зараррасонҳо ва касалиҳои қулфинай мавқеи калон доранд. Агрономҳои ҳар хоҷагӣ барои ҳифзи растаниҳо бояд нақша тартиб дода, иҷроиши онро ҳатман таъмин намоянд.

**Яке аз омилҳои серҳосилии қулфинай, хуб гузарондани зимистон аст.** Ба ин пеш аз ҳама бечунучаро иҷро намудани маҷмӯи чорабиниҳои агротехникӣ дар давраи нашъунамои растанӣ дар қитъа мусоидат мекунад. **Аз ин рӯ, дар баҳор ҳангоми шинондани қулфинай пас аз ҳар 15 - 20 қатор растаниҳои қулфинай:** ***офтобпараст, ҷуворимакка, гули хайрӣ ва г. бояд кишт намуд.***

Дар ин ҳол коргар бо мошини кӯчатшинон дар як қатор ҳамроҳи кӯчатҳои қулфинай дастӣ

тухмиҳои растаниҳои қадбаландро мекорад. Тирамоҳ ин растаниҳо аз қаторҳои қулфинай тоза карда, коркарди агротехникӣ ва нарм кардани байни қаторҳоро мегузаронанд.

## НИГОҲУБИНИ ҚУЛФИНАЙИ СОЛИ АВВАЛИ ҲОСИЛДЕҲ

Нигоҳубини қулфинайи соли аввали ҳосилдеҳ баҳори барвақт, аз лаҳзаи об шудани барф оғоз мегардад. Дар ин давра назорат мекунанд, ки дар замин ҳавзу чуқуриҳои обдор ба вуҷуд наоянд. Дар об тӯлонӣ мондани растанӣ ба сабзишу инкишофи он таъсири манфӣ расонда, ба қисман аз намкашӣ нобуд шудан оварда мерасонад. Барои огоҳкунӣ сар задани пӯсиши сафед ва сабзи доғдор, инчунин зидди зараррасонҳои зимистон ба қитъа инсектосидҳои системавӣ мепошанд.

Вақте ки хок дар қаторҳо ва байни растаниҳо аз ҷиҳати физикӣ пухта мегардад, барои пӯшондани намӣ онро бо сихмолаи сабук сихмола (нарм) карда, бо **ленасил** аз ҳисоби 3-4 кг/га коркард мекугазронанд. Ба амали охирин дер кардан лозим нест, зеро бе он фоиданокии заҳрдору дар хоки хушк паст мешавад.

Таҷриба нишон додааст, ки ҳангоми парвариши қулфинайи соли аввали ҳосилдор ба нармкуниҳои бисёри байниқаторӣ ва ковоккунии хок, ки одатан дар давраи баъди сихмолакунӣ то оғози пайдоиши мева гузаронида мешаванд, эҳтиёҷ надорад. Шарти асосии ноло-

зим шудани ин тарзҳои агротехникӣ дар қитъаҳо, ки он пеш аз ҳама ба ҷиддӣ тайёр кардани замини дамдодашуда ва истифодаи **ленасил** вобаста аст.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми нармкунии байни қаторҳо қабати поёнии хок, тухми зиёди алафҳои бегонадошта ба боло баромада, дар шароити мусоид инкишоф меёбанд. Ғайр аз ин, дар вақти нармкунӣ истифода бурдани тракто-ри ҷуфткунанда ковоккунии чуқурияш камтар (4 - 6см) таъмин намешавад. Зеро одатан, байни қаторҳоро дар чуқурии на кам аз 8 - 10 см нарм мекунанд. Дар ин ҳол сохти решагии қулфинай вайрон шуда, дар байни қаторҳо хатаке пайдо мешавад, ки дар ҳавои хушк ба паридани намии хок мусоидат мекунад.

Дар натиҷа растанӣ аз норасоии намӣ танқисӣ кашида, сабзишу инкишофаш суст мегардад.

Коркарди байниқаторӣ пеш аз ҳосилбардорӣ низ зарарнок аст, зеро меваҳо аз чарху дигар қисмҳои нармкунандаи трактор талаф меёбанд. Аз ин рӯ, ҳангоми нигоҳубини қулфинай аз нармкуниҳои бешумор бояд даст кашид, то ҳосилнокӣ, махсусан дар соли дуюми ҳосилбандӣ баланд шавад. Чунончӣ, аз рӯи маълумотҳое, ки ба мо дастрас мегарданд, дар ду сол ба ҳисоби миёна ҳосилнокии қулфинайи навъи Фестивальная 29,3% ва Зенга Зенгана 46,2% афзудааст (И.В.Петров 1989, саҳ. 12).

Бинобар он, технологияҳои нав, ки микдо-

ри ками коркарди тракториро пешбинӣ мекунанд, ба қатори нерузахиракунандаҳо дохил намудан мумкин аст, зеро онҳо ба талаботи бо харҷи камтарини меҳнат истеҳсол намудани маҳсулот ҷавобгӯянд.

**Қулфинай растании намидӯст мебошад, дар давраи нашъунамо оби зиёд талаб мекунад, махсусан дар давраи гулкунӣ, ташаккулёбӣ ва афзоиши мева, пас аз ҳосилҷамъкунӣ ва давраи ташаккулёбии ҳосили соли оянда.** Набудани боришот дар ин давра, ҳатто вақте ки боду ҳаво мӯътадил аст, ба суст қадкашии растанӣ ва якбора паст шудани ҳосил оварда мерасонад. Дар минтақае, ки боришот кам рух медиҳад, тарзи зарурии агротехникии нигоҳубини қитъаи соли аввал обёрист. **Обёрии қулфинай ҳосилнокии онро то 40% афзуда, сифати меваро беҳ мегардонад.**

**Барои қадкашии мӯътадил ва инкишофи растанӣ дар давраи нашъунамо намнокии хок бояд на камтар аз 70-80% бошад.**

Ҳангоми обмонӣ ба намшавии баробари қабати решагӣ бояд диққат дод. Барои ин ба ҳар обмонӣ ба ҳисоби миёна 250-300 $м^3$/га об лозим аст.

Усули бештар паҳнгаштаи обёрӣ обпошии боронӣ аст, ки ба он на танҳо хок, балки ҳавои болои замин ва худи растанӣ намнок мешавад.

Обпошӣ ҳангоми бозгашти хунукиҳои баҳорӣ метавонад гулқуббаҳоро аз сармо муҳофизат кунад. Ҳосилнокии қулфинай ва сифати меваҳо аз мавҷудияти микроэлементҳо (магний,

бор, рӯх, молибден) дар хок вобаста аст. Маҳдудияти онҳо ивазшавии моддаҳоро дар растанӣ заиф гардонда, аз хок ҷаббидани микроэлементҳоро суст мегарданд. Аз ин сабаб, ғизодиҳии ғайрирешагии растанӣ бо **маҳлули микроэлементҳо** тавсия карда мешавад. Лекин, чунон ки таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ба замин рехтани пору барои микроэлементҳо замина гузошта, зарурияти ғизодиҳии ғайрирешагӣ аз байн меравад.

Барои ҳифзи қулфинай аз касалию зараррасонҳо заҳрдоруҳоро (фунгисидҳо ва инсектисидҳо) истифода мебаранд, ки дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (Ваҳдат, Рӯдакӣ, Ҳисор, Шаҳринав ва Турсунзода) ҷамъоварии ҳосили қулфинайи соли аввали ҳосилро миёнаҳои моҳи май оғоз карда, пас аз 25-30 рӯз ба охир мерасонанд.

Ҷадвали 4

Чораҳои мубориза бар зидди касалию зараррасонҳо дар қулфинайи ҳосилдеҳ

| Муҳлати коркард | Касалӣ ва зараррасонҳо | Дору | Миқдор, кг/га |
|---|---|---|---|
| Аз зери барф баромадан, то оғози баргбарорӣ (коркард то сихмолакунӣ) | Зараррасонҳои зимистонгузарон | Тайшин, Алтин | 0,05-0,075 |
| Дар аввали пайдоиши муғча 5 рӯз пеш аз гулкунӣ | Зараррасонҳо | Метафоси 0,2% - а ва бенлати 0,1%-а | 2<br>1 |
| Бо пайдоиши гулҳои аввалин | Зараррасонҳо | Эупарени 0,1%-а | 1; 2 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Баъди рехтани баргҳо | Зараррасонҳо | Метафоси 0,2%-а | 2 |
| Пас аз 10 рӯзи рехтани баргҳо | Зараррасонҳо | Маҳлули бардосии 1%-а | 300 л/га |

Пас аз ҷамъоварии ҳосил, зуд баргҳои кӯҳнаи баҳориро медараванд. Камтарин дермонӣ ба гузаронидани ин амалиёт ба чунин оқибатҳои нохуш оварда мерасонад: **дар як вақт баргҳои тобистона низ дарав шуда, минбаъд сабзишу инкишофашон қафо мемонад**. Ин амал боиси осебёбӣ ва пайдоиши муғчаҳои гул дар як вақт пастгардидани маҳсулнокии растанӣ оварда мерасонад.

Ғайр аз ин, даравидани баргҳо боиси кам гаштани касалии растанӣ аз зарарасонҳо мегардад. Баргҳоро аз баландии на кам аз 1-2 см аз сатҳи ҷойгиршавии шохчаҳо мебуранд. Баргҳои даравидаро аз майдонҳо дур бароварда мепартоянд. Агар пас аз даравидани баргҳо ҳаво хушку гарм бошад, растаниҳоро бо меъёри 250-300 $м^3$/га обёрӣ менамоянд.

## НИГОҲУБИНИ ҚУЛФИНАЙИ СОЛИ ДУЮМИ ҲОСИЛДЕҲ

Нигоҳубини соли дуюми ҳосилдиҳии қулфинай аввали баҳор сар мешавад. Коре кардан зарур аст, ки барф дар қитъаҳо баробари об шуда, боиси ташкилёбии кӯлмакчаҳои об нашавад. Оби кӯлмакҳои пайдошударо аз

қитъаи замини қулфинай ба беруни қитъаи замин равон бояд кард.

Баъди об шудани барф қитъаи замини қулфинайро бо сихмолаи сабук мола мекунанд. Баъд ба сифати растаниҳои аз зимистон баромада баҳо медиҳанд. Агар растаниҳо аз сармо қисман зарар дида бошанд, аз ғизои минералӣ, хусусан нитроген истифода мебаранд. Меъёри селитраи аммиаки бояд камтар (100 кг/га) бошад. Миқдори баландтари нитрогени сабзиши беҳад зиёди буттаҳоро ба вуҷуд оварда, маҳсулнокии растаниро кам мекунад. Ғайр аз ин, нитрогени зиёд сифати меваҳоро паст намуда, ба ҷамъшавии нитратҳо боис мегардад. Дар ҳавои хушк, пас аз ғизо додан, ба қулфинай об медиҳанд.

Барои пешгирии инкишофи алафҳои бегона якбора баъд аз сихмолакунии хок байни қаторҳоро бо маҳлули **ленасил** аз ҳисоби 3 кг/га коркард менамоянд. Меъёри харҷи маҳлули корӣ **600 - 800 л/га** аст.

Дар баҳор агар бо сабабе ба замин ленасил но пошида бошанду дар байни қаторҳо алафи бегона пайдо шавад, онро бо нармкунӣ нест мекунанд. Барои ин, дар нармкунаки **трактори хурди TZ - 4K - 14** кафакҳои бурранда ва сихомлаҳои овезон васл мекунанд. Байни қаторҳоро дар чуқурии 5 - 7 см нарм намуда, баъд мола мекунанд. Баъди ин амалҳо **ленасилро** истифода мебаранд.

Чун қоида, то ҷамъоварӣ ва ҳангоми ҳосилғундорӣ зарурати хишова ба миён намеояд.

Танҳо коркарди бесифати қитъа бо ленасил ичрои хишоваро ба вучуд меорад. Ҳатто дар ин ҳолат ҳам харчи меҳнати дастӣ калон нахоҳад буд.

Чун дар қитъаи соли аввали ҳосилдеҳ, ҳангоми гулкунии қулфинай, соли дуюми ҳосил ба сармо назадани растанӣ диққат бояд дод. Ҳангоми хунукиҳои субҳидамӣ об тавассути ***дорупошаки богии FORTE ОП – 8*** растаниҳоро об мепошанд.

Дар ҳавои хушку гарм, баъди фурӯравии офтоб ва шабона ба қулфинай бо меъёри 250 - 300 м$^{3}$/га об мемонанд. Дар давраи нашъунамо ба ҳисоби миёна обёрӣ аз чор то шаш мартиба ичро карда мешавад.

Пас аз ҳосилчамъкунӣ заминро бо молаи вазнин чархмола карда, чуфт намуда, барои зироати минбаъда тайёр менамоянд.

Аз рӯи маълумот ва тачрибаҳои бисёрсола қулфинай дар ду соли аввал хеле серҳосил мебошад. Ғайр аз ин, ҳангоми нигоҳубини қулфинайи соли сеюми ҳосилдеҳ харчи меҳнат хеле меафзояд, зеро таъсири заҳрдоруҳои дар замини дамгирифта истифодабурдашуда суст шуда, имконияти пайдоиши алафи бегона зиёд мегардад. Бинобар ин, дар қитъаи соли сеюми ҳосил гузарондани хишова зарур мегардад.

Вобаста ба ин, ҳангоми парвариши қулфинай бо харчи меҳнати кам ду - се майдони ҳосилдеҳ мебояд дошт.

## СОХТИ ТЕХНИКАҲОИ ХУРД БАРОИ ПАРВАРИШИ ҚУЛФИНАЙ

Барои парвариши қулфинай дар хоҷагиҳо мошину олотҳои махсус доштан зарур аст.



**Тавсифнома: истеҳсоли Украина.**
**8.0 (қ. а.) – тавоноӣ, 180.0 (кг) – вазн, 30.0 (км/с) – сурати назариявии ҳаракат ба пеш, намуди муҳаррик, бензин, 1500.0 (мм) – дарозӣ, 870.0 (мм) – бар, 900. (мм) – баландӣ.**

**Трактори хурд барои қитъаи заминҳои наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои хурд истифода бурда мешавад. Олотҳои истифодашавандааш: спор (плуг), наралникҳо (култиваторҳо) ва боркашҳо (притсепҳо). Боркашакҳое, ки ба трактори хурд васл карда шудааст барои кашонидани пору, хасу хошок, нуриҳои органикӣ ва ғ. истифода бурда мешавад.**



**Трактори хурди Скаут Т-12DIF + фреза + плуг + навес**

**Трактори хурди Garden Scout T-12 Диф – ин трактори хурди ҳамакор, ивазнашаванда ва ёрдамчӣ оид ба корҳои хоҷагӣ дар қитъаи замини то 1 га истифода бурда мешавад.**

Ҷойгиршавии муҳаррик горизонталӣ буда, муҳаррики R 195 ANL ҳамаи чархҳояш якбора ҳаракат мекунад ва системаи хунуккунии обӣ буда, пайвасти системаи барқи (аккумулятор) мебошад.

**12 қ. а. – тавоноии максималӣ.**

**11,4 қ. а. – тавоноии минималӣ.**



**Истеҳсоли Ҷумҳурии халқии Хитой. Плуги дутанага (дукорпуса) бо танзимкунандае, ки се ҳолатро ташкил медиҳад. Дорои ду лемих буда, барои тракторҳои хурд ва мотоблокҳо истифода бурда мешавад. Ин плуг барои коркарди асосии хок дар чуқурии то 25 см ва ҷойгир намудани нуриҳои органикӣ истифода мешавад. Бо трактори хурди намуди Скаут T-12DIF васл карда мешавад. Массаи плуг дар васлкунӣ - 40 кг.**







**Плугҳои универсалии ПУ-00.000-01. Истеҳсоли Беларус.**

**Плуги универсалии ПУ-00.000-01 барои шудгор кардани қитъаи замини наздиҳавлигӣ, хоҷагиҳои хурд ва заминҳои мулоим истифода бурда мешавад. Вазни (Массаи) плуг 16 кг.**







**Трактори хурди TZ-4K-14. Истеҳсоли Россия.**
**16,5 км/с – суръати корӣ, 0,87 т – массаи пурра.**
**Тавоноӣ қ.а.(кВт), минималӣ 12 (8,8), максималӣ 13 (9,6).**

**Трактори хурди TZ-4K-14 барои шудгор ва нарм кардани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои хурд истифода бурда мешавад.**





**Истеҳсоли Чехия.**
**Муҳаррики дизелӣ.**
**Тавоноиаш – 30 қ.а.**
**Вазн - 870 кг. Ҳаҷми сузишворӣ - 11л.**



**Трактори хурди Беларус-132Н.**
**Муҳаррик – бензин.**
**Барои коркарди бутуни хок дар чуқурии 20 см якҷоя бо молакунӣ кор фармуда мешавад. Намуди ҳаракати чархҳояш - 4х4,**
**Масса - 532, Суръати ҳаракат, км/с. Тавоноии минималӣ - 8,2 (12) (қ.а) кВт.**

***Молаҳои дандонадору вазнини БЗТ - 1,0*** ва ***миёнасуръати БЗСС - 1,0*** барои ковоккунии хок, ҳамворкунӣ, кулӯхмайдакунӣ ва нест кардани алафҳои бегона истифода мешавад. Асосан дар заминҳои дамдодашудаи қулфинай истифода мешавад. Бо дигар олотҳо пайваст мегардад ё мустақилона бо пайвастшавӣ кор мекунад.







***Молаи дандонадору корандаи ЗБП - 0,6 А*** барои молакунии баҳорӣ, несткунии сафолакҳои байни қаторҳо баъди обёрии қулфинай ба кор бурда мешавад.







***Нармкунаки КПС - 4*** барои коркарди бутуни хок дар чуқурии 12 см ҳамҷоя бо молакунӣ кор фармуда мешавад.







***Тахткунандаи хок ВПН - 5,6А*** барои ҳамвору тахт кардани ноҳамвориҳои майдон лозим аст. Бо трактори ДТ-75 ҳамроҳ карда шуда, ба он сихмола ҳам пайваст кардан мумкин аст.







**ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛ**

Дар замони ҳозира ҷамъоварии ҳосили қулфинай танҳо дастӣ сурат гирифта, меҳнати босуботи бонизомро талаб мекунад.

Ҷамъоварии ҳосили қулфинай аз рӯи нақшаи кории тартибёбанда, ки дар он меъёри кор, талабот ба қувваи корӣ барои ҳамаи давраи ҷамъоварӣ, музди кори рӯзона (пулӣ ё молӣ) қайд карда мешуд, ки дар зимистон якҷоя бо ҷадвали технологӣ тартиб диҳанд, то ки дигар масъалаҳои ташкилӣ, пеш аз ҳама, сарчашмаи қувваи корӣ, ёфтан ё сохтани зарфҳо ва ғ. ҳал карда шавад. Ба ҷамъоварии ҳосили қулфинай коргарон, мактаббачагон, нафақахӯрони хоҷагиро метавон васеъ ҷалб намуд. Ҳангоми тартибдиҳии нақша, маъмурият ё сарвари корхона бояд ин нерӯи кориро ба назар гирад.

Омили асосии ба ин маърака ҷалб намудани мактабиён, хонашинҳо ва нафақахӯрон аз ҷиҳати моддӣ ва молӣ ҳавасмандкунӣ аст. Барои ин гурӯҳи коргарон дар шартномаи дастаҷамъона имконияти ҷудо намудани роҳхатҳо ба хонаҳои истироҳат, санаторияҳо, саёҳатравӣ қайд карда мешавад. Меваи қулфинай, себ, хӯроки чорво (алафу хошок ва ғ.) - ро метавон чун ҳаққи кор ба онҳо дод. Меъёри додани онҳо бояд ҳисобу китоб шуда, ба диққати ин коргарон расонида шавад. Барои ҳуқуқӣ гаштани ин масъала бо ҳар коргар ё гурӯҳи онҳо шартнома мебанданд, ки дар он вазифаи ҳар ду ҷониб муайян карда мешавад.

Хоҷагиҳое, ки дар наздикии шаҳр ҷойгир шудаанд, ба мақсад мувофиқ аст, агар коргарони шаҳриро ба ин маърака ҷалб намоянд. Аз

аввали ҳосилҷамъкунӣ дар хоҷагӣ фармон бароварда, дар он ҷои гирифтан ва тақсимшавии мева нишон дода шавад. Тақсимотчӣ, анборбон ва дигар масъулони супурдани ҳосил аз майдон таъин мегарданд.

Дар хоҷагиҳо коргарони мавсимиро низ ҷалб мекунанд, ки онҳо 70 - 80%-и меваро меғундоранд. Барои ба кор ҷалб намудани аҳолӣ сардорҳо - мевапарварон пешакӣ доир ба ҳосилҷамъкунӣ, нуқтаҳои ҷамъшавии хоҳишмандии ин чорабинӣ хабар медиҳанд.

Гурӯҳҳоро аз 20 - 25 одам ташкил намуда, ба онҳо шахси дар мевапарварӣ таҷрибадорро сардор таъин мекунанд. Вай ба коргарон тарзи чидани меваро фаҳмонда, меъёри кор ва шартҳои музди корро эълон мекунад. **Дар давоми рӯз сардори гурӯҳ меваҳоро қабул намуда, миқдори сабад (сатил, қуттӣ ва ғ.) - ҳоро муайян** карда, аз рӯи ҳаҷми меваҳои сабад миқдори меваҳоро ба ҳисоб мегирад.








Барои қулай шудани ҳисоби меваҳои чидагӣ рӯзномаи воридшавии маҳсулот, ному насаби оварандаи мева, микдори сабадчаҳои мева, ҳаҷми маҳсулот ва имзои супоранда тартиб дода мешавад. Баъд ҳамаи гурӯҳ бо сардор назди анбор меоянд. Сардор меваҳои чидаро ба анборбон месупорад. Баъд ба муҳосиб моҳонаи коргаронро дар намуди пул ё мол аз рӯи рӯзномаи сардор ҳисобу ҳуҷҷат мекунад. Ҳуҷҷати ҳисобӣ ному насаб, вақти корӣ, ҳаҷм, маблағи маош, ҷамъулҷами моҳона, нигоҳдории маблағи андоз, маблағи тозаи гиранда, мол ба ҷои пул ва имзоро фаро мегирад. Ҳуҷҷати пулгирӣ аз ҷониби сардор тасдиқ шуда, ҳуҷҷат барои мевагириро низ ӯ медиҳад. Ҳамин ҳуҷҷат барои аз қитъа баромадан иҷозат медиҳад.

Ҳисоби маоши молӣ осон аст: **маблағи маоши кор ба нархи тиҷоратии мева тақсим мешавад.**

Дар вақти ҳосилғундорӣ мусобиқаҳо ташкил дода, ба коргарони беҳтарин мукофот медиҳанд.

Ба ҷамъкунии қулфинай мактабиёнро, ки дар истироҳатгоҳҳои меҳнатию фароғатӣ таътил мегузаронанд, ҷалб кардан мумкин аст.

Агар ин фароғатгоҳҳо дар ҳудуди хоҷагӣ амал дошта бошанд, он вақт бачаҳо соатҳои барои меҳнати муфид ҷудошударо дар ҷамъоварии мева мегузаронанд.

Ҳангоми дуруст ба роҳ мондани меҳнат, ба-

чаҳо меъёри кориро барзиёд иҷро мекунанд, ки он нисбат ба калонсолон 20 - 25% пасттар аст.

Ҷамъкунии ҳосили қулфинай давраи масъулиятнок буда, аз дуруст ба роҳ мондани он на танҳо миқдор, балки сифати мева ҳам вобаста аст. Дар вақташ начидани мева ба он оварда мерасонад, ки онҳо аз пӯхта расидан мегузаранд ва ба роҳи дур кашондан ғайриимкон мегардад. **Вақти 2/3 ҳиссаи мева сурх шудан, онро чидан беҳтар аст.** Меваро дар косачаҳо ва мевапояҳо мечинанд. **Меваҳои касал ва зараръёфтаро дар зарфи алоҳида мегузоранд. Меваҳоро саҳарӣ, вақти паридани шабнам ва дар нимаи дуюми рӯз, пас аз салқин шудан, ҷамъоварӣ мекунанд**.

Пӯхтани мева аз боду ҳаво вобаста, аст, такроран ба қитъа баргаштан дар ҳавои гарм, пас аз 1-2 рӯз ва дар ҳавои салқин баъди 2-3 рӯз бояд сурат гирад.

Назорат кардан зарур аст, ки мевачинҳо дар қитъа меваи пӯхтаро ночида намонанд, зеро то давраи дигари ҳосилғундорӣ ин меваҳо аз пӯхтан гузашта, вайрон мегарданд. Лекин меваҳои хомро ҳам чидан мумкин нест, зеро онҳо ҳам сифати молии маҳсулотро паст мегардонанд.

**Меваҳои дар сабад ё дигар зарфҳо ҷамъоварӣ гаштаро ба дигар зарфҳо холӣ кардан мумкин нест**. Онҳоро беҳтараш дар зарфи калон (қуттии себ) ҷо карда, дар ҷои соя нигоҳ дошта, дар рӯзи ҷамъоварӣ шудан, ба нуқтаҳои савдо ё коркардкунанда мефиристанд.

Ҷамъоварии ҳосил амалиёти аз ҳама

меҳнаталаби корҳои парвариши қулфинай ба шумор меравад. Ба корҳои дастӣ 70%-и ҳамаи хароҷот рост меояд. Аз ин рӯ, иваз намудани корҳои дастии серхароҷот дар ҷамъоварии қулфинай бо техника вазифаи асосӣ ва муҳим мебошад.

Барои ҳалли ин масъала кӯшиши муҳандисону (инженерон) тухмипарварон зарур аст. Аз як ҷониб талаб карда мешавад, ки чунин мошини ҳосилғундоре созанд, ки ба мева зарар нарасонад, аз тарафи дигар, ҷудо кардани асосан меваи пӯхта таъмин гардад.

Аз ҳама оддитарин кор, ки ҷамъоварии меваи қулфинайро таъмин мекунад, тозакунӣ аст. Лекин ин амал имкон намедиҳад, ки меваҳои ҳар хел пӯхта ҷудо карда шаванд. Аз ин сабаб, навъҳои наве талаб карда мешаванд, ки меваҳо якбора пӯхта, пӯсту мағзи мустаҳкам дошта бошанд.

Дар айни ҳол селексионерон як қатор навъҳоеро офаридаанд, ки **меваҳои қулфинай нисбатан бутун (70- 75%) мепазанд** ва онҳоро метавон (дастӣ чидани меваҳои аввалин) **механикӣ чинд**. Лекин бо истифодаи ин амал меваҳо сахт осеб мебинанд. Аз ин рӯ, бояд тарзи дастӣ чиндани меваҳо бомақсад гузаронида шавад. Чунончи, аз ҳисоби сарфаи вақт ба сари майдон овардани зарфҳои мевагирӣ, вақти холӣ барои чидани мева меафзояд. Кӯшиш бояд кард, ки барои мевачинҳо ҳам дар вақти қабули меваҳо вақт камтар харҷ шавад. Аз рӯи имконият ба ҳама мевачинҳо шароити якхела фароҳам овардан лозим. Бо алоқамандӣ аз ин, аз рӯи навъҳо

меъёрҳои фарқкунандаи кор барои калонмеваҳо баландтар, барои миёна ва хурдмева пасттар бояд бошад.

Омили муҳиме, ки ба истеҳсолнокии меҳнат, ҳангоми ҷамъкунии қулфинай таъсир мекунад, кам кардани мӯҳлати истифодаи қитъаҳо мебошад. Бо гузашти вақт шоху баргдории растанӣ меафзояд, аз ин сабаб суръати чиниши мева паст мешавад.

Баҳисобгирии ҳосили ҷамъкардаи ҳар чинакчӣ ба истеҳсолнокии меҳнат таъсири мусбат мерасонад. Дар ин ҳол, баръакси усули ҳисоби бригадавӣ (дастҷамъона) қобилияти фардии ҳар коргар истифода шуда, барои намоён шудани он шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

### АҲМИЯТИ ИҚТИСОДИИ ПАРВАРИШИ ҚУЛФИНАЙ

Технологияи пешниҳодшавандаи коркарди қулфинай бо камтарин харҷи меҳнати дастӣ ва мухтасари коркардҳои байниқаторӣ, ҳангоми нигоҳубини қитъа, ба пастшавии хароҷоти умумӣ дар истеҳсоли маҳсулот оварда мерасонад. Масалан, хароҷоти меҳнат дар хоҷагии деҳқонии «Ғолиб» - и н.Шаҳринав дар шинондани кӯчатҳо ва нигоҳубини онҳо қариб ду баробар нисбати хоҷагии деҳқонии «Бобоӣ – Худойқул» - и ноҳияи Рӯдакӣ паст аст (ҷадвали 5).

Ҳамин гуна сарфакории меҳнат дар қитъаҳои соли якуму дуюми ҳосилдеҳ ҳам ҷой дорад.

Ғайр аз ин, ҳангоми коркарди қулфинай бо харҷи камтарини меҳнат ҳосилнокии он то 20 - 40% афзуда, натиҷаи муайяни иқтисодӣ медиҳад.

Ҷадвлаи 5

Сохти хароҷоти бевоситаи қулфинайи ҷавон дар коркард аз рӯи усулҳои гуногун, одам - рӯз/га

| Амалиёт | Хоҷагии деҳқонии «Бобои – Худойқул» - и н. Рӯдакӣ | Хоҷагии деҳқонии «Ғолиб» - и н. Шаҳринав |
|---|---|---|
| Пеш аз шинондан ва тайёр кардани хок | 3,5 | 1,7 |
| Додани ғизои органикӣ | 3,9 | 3,1 |
| Коркард бо заҳрхимикатҳо | - | 0,5 |
| Шинондан | 2,4 | 1,5 |
| Обёрӣ | 2,5 | 2,0 |
| Додани ғизои минералӣ | 3 | 1,5 |
| Коркарди байниқаторҳо (культиватсия) | 1,5 | 0,5 |
| Каландкунии хок ва хишова | 7 | 2 |
| Батартибории мӯйлабҳои қаторҳо | - | 0,5 |

Ҳамин тавр, арзиши аслии 1 кг мева, ки бо технологияи нав ба даст омадааст, то 10 сомонӣ, оддӣ бошад, қариб 70 сомониро ташкил медиҳад. Ҳатто ҳангоми на он қадар баланд будани ҳосил (50 с/га) арзиши аслии мева 58 сомонӣ, фоида 5100 сомонӣ/га, даромад 175% мегардад. Дар ин ҳол, хароҷоти меҳнат дар корҳои то шинондан ва нигоҳубини нав-

ниҳолон 24,6 ҳаз.сом., барои нигоҳубини қулфинайи соли якуму дуюми ҳосилдеҳ 19 ҳаз.сомониро ташкил медиҳад (ҷадвали 6).

Ҷадвлаи 6

Хароҷоти меҳнат дар коркарди қулфинай бо харҷи ками меҳнатӣ, сом./га

| Боби хароҷот | Корҳои то шинондан, шинондан ва нигоҳубин | Соли аввали ҳосилдиҳй | Соли дуюми ҳосилдиҳй |
|---|---|---|---|
| Музди меҳнат бо пешпардохт ва иловапулӣ | 1600 | 7000 | 7000 |
| Сӯзишворӣ | 70 | 100 | 100 |
| Поруҳои органикӣ | 1980 | - | - |
| Ғизои минералӣ | - | 100 | 100 |
| Заҳрдоруҳо | 330 | 320 | 320 |
| Маводи шинонданӣ (ниҳолчаҳо ва парвардаҳо) | 19850 | - | - |
| Маблағҳои нигоҳубини нақлиёт | - | 8210 | 8210 |
| Таъмирҳои ҷорӣ ва хизматрасонии техникӣ | - | 500 | 500 |
| Дигар хароҷоти бевосита | 200 | 500 | 500 |
| Ҷамъулҷамъи хароҷоти бевосита | 24030 | 16730 | 16730 |
| Хароҷоти иловагӣ | 600 | 3000 | 3000 |
| Ҳамаи хароҷот | 24630 | 19030 | 19030 |

## ТАҚВИМИ КОРҲОИ АСОСӢ ДАР КОРКАРДИ ҚУЛФИНАЙ БО ХАРҶИ КАМТАРИНИ МЕҲНАТ

***Замини дамдодашуда***

| Моҳҳо | Номгӯи корҳои иҷрошаванда |
|---|---|
| январ, феврал, март | Барфзахиракунӣ, ғункунии поруҳои органикӣ. |
| апрел май | Нигоҳдории яхобҳо, сихмолаи тирамоҳӣ бо ду **пайбарориш** ва ҷойгир кардани поруи органикӣ дар хок. Ҳамворкунии қитъа. Коркарди хок бо **симазин.** |
| июн | Бо нармкунӣ ва сихмола нест кардани алафҳои бегона. Истифодаи далапон барои несткунии ачирики хазанда ва дигар алафҳои бегона. |
| июл | Бо пайдоиши алафҳои бегона дар давраи 4-5 баргагӣ бо намаки аминии 2,4-Д коркард намудан. Баъди ин амал дар давоми ду ҳафта дар замини дамгиранда кор намекунанд. Нармкунӣ гузарондан лозим аст. |
| август | Бо нармкунӣ ва чархи испор нест кардани алафҳои бегона. |
| сентябр, октябр | Пас аз боришот сихмола гузаронидан бо мақсади нигоҳ доштани намӣ. |
| ноябр, декабр | Бо чапараку дигар асбобҳо дар замин захира кардани барф. |

***Навниҳоли қулфинай***

| Моҳҳо | Номгӯи корҳои иҷрошаванда |
|---|---|
| январ, феврал, март | Барфзахиракунӣ. |
| апрел | Нигоҳдории яхобҳо, ду маротиба пайсихмолакунӣ барои пӯшондани намии хок. |
| май | Нармкунии замини дамгирифта дар чуқурие, ки кӯчати қулфинай шинонида шудааст. Шинонидан. Обёрӣ, нармкунии байниқаторҳо дар чуқурии 3см. пас аз 10 рӯзи шинонидан ва коркарди қитъа бо ленасил. |

| | |
|---|---|
| июн | Хишоваи дастии алафҳои бегона. Оғози батартибдарории мӯйлабҳои байни қаторҳо. |
| июл<br>август | Давом додани батартибдарории мӯйлабҳои нашъунамокунанда дар байни қаторҳо бо мақсади бунёди хати танг аз ҳисоби ташкилёбии растаниҳои ҷавон. Дар бебориши обёрӣ кардан. Додани ғизои минералӣ. |
| сентябр,<br>октябр | Обёрии ҳатмӣ дар ҳавои хушк. Баъдан сихмолкунии хок. |
| ноябр | Соябонҳо гузоштан, агар растаниҳои баландпоя дар баҳор кошта нашуда бошанд. |
| декабр | Барфнигоҳдорӣ (намнигоҳдорӣ), Гузаронидани яхобмонӣ. |

***Қулфинайи соли аввали ҳосилдеҳ***

| Моҳҳо | Номгӯи корҳои иҷрошаванда |
|---|---|
| январ,<br>феврал,<br>март | Барфнигоҳдорӣ. Несткунии сафолакҳо. |
| апрел | Нигоҳдории яхобҳо, бо сихмолаи сабук молакунии бари қаторҳо. Шинондани растаниҳои қадбаланд. |
| май | Коркарди қитъаҳо бо ленасил. Вақти гулкунӣ пешгирии сармозанӣ. Дар бебориши обмондан. |
| июн | Хишоваи дастии алафҳои бегона. Тайёрӣ ба ҳосилғундорӣ. Оғози мевачинӣ. |
| июл | Ҷамъ ва фурӯхтани мева. Даравидани баргҳои зиёдатии қулфинай ва аз қитъаи замин баровардани онҳо. Ғизои минералӣ додан ва обёрӣ. |
| август,<br>сентябр | Мӯйлаббурӣ бо кордҳои тез ва қайчӣ. |
| октябр | Обёрии қитъаи замин дар ҳавои хушк ва гарм (бегоҳи баъди фурӯъ рафтани офтоб ва шабона. |
| ноябр,<br>декабр | Барфнигоҳдорӣ: агар дар баҳор растаниҳои қадбаланд шинонида набошанд, чамбараку пахол, шоху барг ва ғ. ба кор бурдан. |

***Қулфинайи соли дуюм ҳосилдеҳ***

| Моҳҳо | Номгӯи корҳои иҷрошаванда |
|---|---|
| январ, феврал, март | Барфнигоҳдорӣ. Несткунии сафолакҳо. |
| апрел | Нигоҳдории яхобҳо. Молакунии хок бо сихмолаи сабук. |
| май | Коркарди қитъа бо ленасил. Ҳангоми гулкунӣ мубориза бо сармозанӣ. Дар ҳолати беборишӣ гузаронидани обмонӣ (баъди фурӯъ рафтани офтоб ва шабона). |
| июн | Тайёрӣ ба ҳосилғундорӣ. Ғунучини мева. |
| июл | Ҷамъоварии оммавии мева. Чархмола ва ҷуфткунии хок. |



Рафти семинарӣ омӯзишӣ дар қитъаи замини х.д «Неъмат», деҳаи Моинкаҷ, ҷ.д. Роҳатӣ, н.Рӯдакӣ, ки дар он қулфинай парвариш карда мешавад.



Иштирокчиёни семинарӣ омӯзишӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Роҳатӣ, деҳаи Моинкаҷ.



Рафти семинарӣ омӯзишӣ дар ҷамоати деҳоти Кирови ноҳияи Вахши вилояти Хатлон.





Техникаҳои хурди кишоварзие, ки барои кишту кори қулфинай ва дигар зироатҳои кишоварзӣ истифода бурда мешаванд.

## АДАБИЁТ

1. Волузнев А.Г. Ягодный сад. Издательство – Урожай. Минск – 1970.
2. Бение Р. Промышленное производство земляники. – М.: Колос, 1978. – 109 с.
3. Крамер З. Ягодные культуры в саду: Пер. с нем. М.: Колос, - 1980. – 80 с.
4. Кузнецова Е.Г. Земляника. – М.: Московский рабочий, 1981. – 109 с.
5. Ваничев В.П., Ефименко Д.И. Новая в агротехнике земляника.– М.: Московский рабочий, 1983. – 86 с.
6. Можоров Е.В. Земляника. – Л.: Колос, 1984. – 62с.
7. Бурмистров А.Д. Ягодные культуры. 2-е изд., перераб. и доп.- л.: Агропромиздат. Ленинградское отдние, 1985. – 272 с.
8. Осипов Ю.В. Земляника: возделывание с минимальными затратами труда. Москва росагропромиздат 1989.
9. Энциклопедияи хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷилди 2. Душанде – 1991.
10. Колесников А.Ф., Седов Е.Н., Сергеева К.Д., Закотин В.С., Ярославцев Е.И. Промышленное садоводство России.

# МУНДАРИЧА


Сарсухан………………………………………………… 3
1.Маълумоти умумӣ оид ба растании қулфинай….. 10
2.Хусусиятҳои биологии қулфинай………………….. 11
3.Навъҳои қулфинай……………………………….... 15
4.Технологияи парвариши қулфинай……………….. 24
5.Омодасозии хок………………………………… 28
6.Истифодаи заҳрдоруҳо (пестидситҳо)……………. 32
7.Техникаи дорупошӣ…………………………………. 36
8.Кӯчатшиносӣ…………………………………… 40
9.Нигоҳубини навниҳолҳо……………………………. 48
10.Нигоҳубини қулфинайи соли аввали ҳосилдеҳ… 51
11.Нигоҳубини қулфинайи соли дуюми ҳосилдеҳ…. 55
12.Сохти техникаҳои хурд барои парвариши қулфинай……………………………………………….. 58
13.Ҷамъоварии ҳосил……………………………. 61
14.Аҳамияти иқтисодии парвариши қулфинай……. 67
15.Тақвими корҳои асосӣ дар коркарди қулфинай бо харҷи камтарини меҳнат……………………......... 70
16.Адабиёт…………………………………………… 75

Меликов Қ.Ҳ., Аҳмадов Б.Р., Неъматов А.

# ҚУЛФИНАЙ (КЛУБНИКА), ПАРВАРИШ ВА ИСТИФОДАИ МАҲСУЛОТИ ОН

*коркарди он бо харҷи ками меҳнат барои кормандони соҳаи кишоварзӣ*

Ба матбаа 13.03.2017. супорида шуд. Ба чопаш 27.03.2017.имзо шуд. Формат 60x84 1/16. Ҳуруфаш адабӣ.
Чопи компютерӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 5.

ҶОЙ БАРОИ ҚАЙДҲОИ МАХСУС

ҶОЙ БАРОИ ҚАЙДҲОИ МАХСУС

ҶОЙ БАРОИ ҚАЙДҲОИ МАХСУС